**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВИЛОЯТИ СУҒД**
**МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ НОҲИЯИ АЙНӢ**
**ҚАРОР**

№ 132 аз 23 июли соли 2012 ш. Айнӣ.

Дар бораи тасдиқи Барномаи
рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи
Айнӣ барои солҳои 2011-2015

Мутобиқи моддаҳои 8, 9 ва 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иҷлосияи шашуми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Айнӣ (даъвати IX)

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2011-2015 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Муовини аввали раиси ноҳия, муовинони раиси ноҳия, роҳбари Дастгоҳи раиси ноҳия, мудири бахши иқтисод ва савдои мақомоти иҷрои ҳокимияти давлатии ноҳия, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои ноҳиявӣ, раисони ҷамоатҳои деҳоти ноҳия ва сардорони хоҷагиҳои деҳқонӣ (новобаста ба шакли моликияташон) дар амалӣ намудани Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Айнӣ барои солҳои 2011-2015 дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, вазорату кумитаҳо, идораю муассисаҳои дахлдор, созмонҳои байналмилалӣ, фондҳои маблағгузор, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва соҳибкорони ватанию хориҷӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.
3. Сардори Раёсати молияи ноҳия ва мудири бахши иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҳамасола дар таҳияи буҷети ноҳия иҷроиши самараноки Барномаи мазкурро ба эътибор гиранд.
4. Муовини аввал ва муовинони раиси ноҳия вазифадор карда шавад, ки аз рафти иҷрои Барномаи мазкур ҳар сол моҳи декабр дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ҳисобот манзур намояд.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия «Оид ба масъалаҳои буҷет, сохтмон, савдо, нақлиёт, алоқа, меҳнат ва хизмати коммуналӣ» ва муовинони раиси ноҳия вогузор карда шавад.

Раиси Маҷлис Р.Рахматов.

**Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии
ноҳияи Айнии вилояти Суғд**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ АЙНӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2011-2015

**Душанбе - 2012**

БАРНОМАИ РУШДИ
ИҚТИСОДИИ ДЕҲОТ
RURAL GROWTH PROGRAMME

Барнома бо дастгирии техникии «Барномаи рушди деҳот», ки аз ҷониби БРСММ, Агентии ҳамкории байналмиллалии Олмон ва Департаменти Бритонияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ маблағгузорӣ мешаванд, таҳия шудааст.

# Мундарича

**Рӯйхати ихтисорот ....... 6**
**Сухани ифтитоҳии раиси ноҳия ....... 7**
**Сарсухан ....... 8**

**1. ТАВСИФИ УМУМИИ НОҲИЯИ АЙНӢ ....... 9**

**2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ СОҲАҲО ....... 13**
2.1. Иқтисодиёт ....... 13
2.1.1. Кишоварзӣ ....... 13
2.1.2. Саноат ....... 21
2.1.3. Соҳибкории хурду миёна ....... 23
2.1.4.Стратегия ва вазифаҳои бахши иқтисод ....... 28

**3. СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ ....... 32**
3.1. Тандурустӣ ....... 32
3.2. Маориф ....... 34
3.3. Ҳифзи иҷтимоӣ ....... 36
3.4. Фарҳанг ва фароғат ....... 38
3.5. Стратегия ва вазифаҳои бахши иҷтимоиёт ....... 40

**4. ИНФРАСОХТОР ....... 44**
4.1. Хизматрасонии манзилию коммуналӣ ....... 44
4.2. Стратегия ва вазифаҳои бахши инфрасохтор ....... 48

**5. БЕХАТАРИИ МУҲИТИ ЗИСТ ....... 51**
5.1. Ҳолатҳои фавқулодда ....... 51
5.2. Стратегия ва вазифаҳои бахши муҳити зист ва Ҳ.Ф ....... 56

**6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ ....... 60**
6.1. Захираҳои ташкилӣ ва инсонии ноҳия ....... 60
6.2. Таъминоти молиявӣ – буҷетӣ ....... 61
6.3. Стратегия ва вазифаҳои бахши таъминоти захиравӣ ....... 66

**7. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ ....... 67**

***Замимаи №1 ....... 68***

## Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| АИО | Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Миллали муттаҳид |
| БРН | Барномаи рушди ноҳия |
| БДС | Барномаи давлатии сармоягузорӣ, грантҳо ва сохтмони асосӣ барои солҳои 2010-2012 |
| БРИ | Бонки рушди исломӣ |
| БМН | Беморхонаи марказии ноҳиявӣ |
| ВМБ | Вируси масъунияти бадан |
| ВИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВТҶТ | Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КАТ | Кумаки аввалияи тиббӣ |
| МТ | Муассисаҳои томактабӣ |
| МСМ | Маводи сузишворию молиданӣ |
| МИҲД | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| М ва Б | Мониторинг ва баҳодиҳӣ |
| МТД | Маркази тандурустии деҳот |
| НОБ | Нерӯгоҳҳои обии барқӣ |
| НКҲ | Нақшаи кори ҳарсола |
| ИХО | Идораи хоҷагии об |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СМТ | Стансияҳои мошину тракторҳо |
| СРМ | Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои то соли 2015 |
| СПКСК | Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ |
| СВОТ | Тарафҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо ва хатарҳо |
| ҲНН | Ҳодисаи нохуши нақлиётӣ |
| ҲФ | Ҳолатҳои фавқулодда |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди ҳазорсола |
| ҶМЧ | Ҷумҳурии Мардумии Чин |
| ТҚХ | Ташкилоти қарздиҳии хурд |
| ШС | Шӯъбаи сохтмон |

## Сухани ифтитоҳии раиси ноҳияи Айнӣ

Айнӣ яке аз ноҳияҳои аз ҷиҳати ҳудуд калонтарини вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар замонҳои қадим ин минтақа бо номи Фалғар машҳур буда, 23 ноябри соли 1930 ҳамчун ноҳияи нав бо номи Заҳматобод ташкил ёфта, 23 январи соли 1955 ба худ номи сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддини Айниро гирифт.

Айни замон ноҳияи Айнӣ дорои 7 ҷамоати деҳот ва як шаҳрак буда дар он зиёда аз 74169 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Айнӣ ноҳия аграрӣ буда, дар як вақт саноати кӯҳӣ низ рӯ ба инкишоф дорад.

Ман ҳамчун раиси ноҳия масъул ҳастам, мушкилоте, ки ба рушди ноҳия монеа мешавад ба Шумо тавзеҳ диҳам. Бо вуҷуди он, ки ноҳия табиати зебову биҳиштосо дорад, дараҷаи зиндагии қисми зиёди сокинон он хеле паст мебошад. Новобаста аз зебоии табиат дар аксари деҳоти ноҳия хатари офатҳои табии дар тамоми фасли сол мавҷуд аст.

Бинобар маҳдуд будани имкониятҳои молиявӣ ва норасоии маблағ аксари сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимию тиббӣ ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нестанд.

Ноҳия дорои табиати зебою нотакрор буда, барои истеҳсоли маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза, аз ҷумла асал ва растаниҳои дорувор имкониятҳои зиёд дорад. Махсусан захираи ангишти мавзеи Фон-яғноб, ки дар болооби Зарафшон воқеъ аст, 1,6 милрд тоннаро ташкил медиҳад ва 80 фоизаш кокшаванда аст. Истифодаи босамари захираҳои табиӣ имконият медиҳад, ки мушкилоти асосии ноҳия ташкили ҷойҳои нави корӣ ҳалли худро ёбад.

Мавҷудияти захираҳои бои табиӣ аз қабили тилло, симоб, сурма, ангиштсанг имкон медиҳанд, ки корхонаҳои коркард бунёд намуда, ҷойҳои нави корӣ таъсис ёбанд. Ҳарчанд бисёр соҳаҳои иқтисодиёти ноҳия рушд ёбанд ҳам дар баробари ин мушкилот кам нест ва барои ҳалли онҳо сарчашмаҳои маблағгузорӣ дарёфт бояд кард.

Ҳамчун Раиси ноҳия аз таҳияи Барномаи рушди ноҳия барои солҳои 2011-2015 сипосгузор буда, кӯшиш менамоям ҳамаи имкониятҳоро якҷоя бо сохторҳои дахлдори ноҳия барои иҷрои он сарф намоем. Зеро барои амали сохтани Барномаи мазкур корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар доираи имкониятҳои мавҷуда маблағ дарёфт намуда, дар амалисозии Барнома саҳмгузор бошад.

Ҳамзамон аз тамоми институтҳои байналхалқиву ташкилотҳои хориҷии дар мамлакат фаъолият дошта даъват мекунам, то баҳри дар амал татбиқ намудани Барномаи зикргардида саҳмгузорӣ намоянд. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ноҳия дар навбати худ барои ҳамкории мутаносибан судманд омода мебошад.

Аз Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид ҷиҳати таҳрезии Барномаи рушди ноҳияи Айнӣ сипосгузор буда, ҳамчунин ба гурӯҳи кории Шӯрои рушди ноҳия, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, марказҳои дастгирии ҷамоатҳо ва умуман ҳамаи ташкилоту муассисаҳое, ки дар таҳияи ин ҳуҷҷати муҳим саҳмгузорӣ карданд миннатдорӣ изҳор менамоям.

# Сарсухан

Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Айнӣ аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар заминаи таҳлили амиқи натиҷаи фаъолияти соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия таҳия гардидааст. Ҳангоми баррасӣ ва муайян намудани мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо ҳам мутахассисони соҳавии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, ҳам тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва аҳли ҷомеа ҷалб карда шудаанд.

Барномаи мазкур дар асоси Ҳадафҳои Рушди ҳазорсола, «Стратегияи Миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015» ва «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012»-ро дар сатҳи маҳал амалӣ менамояд. Инчуни Барнома дар асоси «Дастури методи оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидораи шаҳраку деҳот», ки аз ҷониби Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, тарҳрезӣ гардидааст.

Барнома барои таъмини рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва инфросохторӣ, ҳифзи муҳити зист ва беҳдошти сатҳи зиндагии аҳолии ноҳия равона шудааст.

Барнома аз қисматҳои зери иборат мебошад:

***Қисми 1*** - тавсифи мухтасар ва таҳлили ҳолати умумии ноҳия, аз ҷумла тамоюли рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар панҷ соли охир;

***Қисми 2***- баҳои ҳолати ҷории ноҳияи Айнӣ дар самтҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, инфорасохтор ва муҳити зист, стратегияи рушди соҳаҳои мазкур дар 5 соли оянда ва баҳодиҳии захираҳои мавҷуда барои амали намудани онҳо;

***Қисми 3*** – сохтори ташкилӣ, татбиқ, мониторинг ва баҳодиҳии барномаи рушди ноҳия.

# 1. ТАВСИФИ УМУМИИ НОҲИЯИ АЙНӢ

***1.1. Вазъи ҷуғрофӣ ва тақсимоти маъмурӣ - ҳудудӣ.*** Ноҳияи Айнӣ аз ҷиҳати масоҳат яке аз ноҳияҳои калонтарини ҷумҳурӣ маҳсуб ёфта, дар вилояти Суғд ҷойгир шудааст. Масоҳати ноҳия 5,2 ҳазор км$^2$ мебошад, ки 20%-и вилояти Суғдро ташкил медиҳад. 97 фоизи ҳудуди ноҳияро кӯҳҳо ва доманакӯҳҳо ташкил медиҳанд. Гарчанде масоҳати ноҳия калон бошад ҳам аз сабаби ноҳамвории релеф 3 фоиз ё 15474 га. заминҳои обии киштбоб мебошанд. Ноҳия бо ноҳияҳои Варзоб, Ҳисор, Ғончӣ, Шаҳристон, Панҷакент, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Ваҳдат ҳамсарҳад буда, масофаи роҳ то шаҳри Душанбе 130 км. ва то маркази вилояти Суғд -шаҳри Хуҷанд 200 км-ро ташкил медиҳад.

***Тасвири 1. Харитаи ноҳия***




Ба ноҳия 7 ҷамоатҳои деҳот: Анзоб (8 деҳа), Айнӣ (11 деҳа), Дар-Дар (6 деҳа), Урметан (7 деҳа), Фондарё (11 деҳа), Шамтуч (5 деҳа), Рарз (9 деҳа) ва 1 ҷамоати шаҳрак шомил мебошад.

***1.2. Тавсифӣ таърихӣ - фарҳангӣ.*** Ноҳияи Айнӣ яке аз мавзеҳои қадими аҳолинишини ҷумҳурӣ мебошад. Бозёфтҳои таърихие, ки дар ноҳия ёфт шудаанд, марбути замони асри биринҷӣ буда, шоҳони давлати Суғд дар ин мавзеъ қалъаҳои боҳашамат барои зиндагӣ ва ҳимоя аз душманон бунёд намудаанд, ки то ҳол баъзе аз харобаҳои онҳо боқи мондаанд. Аҳолии водии Яғноб, ки дар ҳудуди ноҳия зиндагӣ мекунанд, забон ва расму оинҳои суғдиёни қадимаро то замони мо нигоҳ доштаанд[1]. Аз ҳудуди ноҳия яке аз шохаҳои роҳи бузурги абрешим мегузарад, ки барои иқтисодиёти минтақа аҳамияти назаррас дошт.

Ноҳияи имрӯзаи Айнӣ то солҳои 30-юми асри XX ба волостҳои Фалғар ва Искандара дохил мешуд. 23 ноябри соли 1930 волостҳоро якҷоя карда, ноҳияи Заҳматобод таъсис дода шуд. Бо қарори Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон 26 ноябри соли 1955 ноҳия ба худ номи сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айниро гирифт ва маркази он деҳаи Айнӣ интихоб шуд.

***1.3. Шароити иқлим ва захираҳои табиӣ.*** Масоҳати ноҳия 5,2 ҳазор км$^2$ буда, 97%-и онро кӯҳ ташкил медиҳад. Ҳарчанд масоҳати ноҳия калон аст, заминҳои корами он хеле кам мебошад. Иқлими ноҳия муътадили континенталӣ буда дар фасли зимистон -25-

[1] - Мувофиқи таҳқиқоту хулосаи академик Бобоҷон Ғафуров забони яғнобӣ ба гурӯҳи ориёиҳои ғарбӣ шомил аст.

$30C^0$ хунук ва дар фасли тобистон +30 – 38 $C^0$ гарм мебошад. Ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво + $9C^0$ аст.

Ноҳия дорои табиати зебо, обу ҳавои тоза ва чашмаҳои гуногуни шифобахш аст. Ҳамчунин ноҳия дорои захираҳои бойи гидроэнергетикӣ, захираҳои маъдании сурма, симоб, тилло, волфрам, нуқра ва ангишт мебошад. Захираҳои табии барои бунёди корхонаҳои саноатӣ имконият фароҳам меорад. Айни замон дар ноҳия конҳои нави ангиштсанг ва сурмаю симоб коркард мешаванд.

Калонтарини захираи ангишт кони Фон-Яғноб, ки дар ҳавзаи дарёи Зарафшон ҷойгир шудааст, ки захираи он 1,6 млрд тонна ҳисоб карда шудааст. Ангиштсанги ин минтақа сифати баланд дошта 80% он коксшаванда аст. Инчунин захираи ангишт дар деҳаҳои Вашан, Утоғар ва Урметан низ кашф шудааст.

Олами ҳайвоноти ноҳия аз хирс, гург, рӯбоҳ, шағол, харгӯш, бузи кӯҳӣ, ҷайра, хуки ваҳшӣ, кабк, мурғи ҳилол ва ғ. иборат аст.

Аз рӯи анъна таваҷҷуҳи сайёҳон ба мавзеҳои Искандаркул, кулҳои Аловуддин ва води Яғноб зиёд мебошад.

***1.4. Ҳолати демографӣ.*** Ба санаи 01.01.2011 аҳолии ноҳия 74169[2] нафарро ташкил медиҳад, аз ҷумла: мардҳо - 36269 нафар (48,9%) ва занҳо - 37900 нафар (51,1 %). Суръати миёнаи солонаи афзоиши аҳолӣ 2,6 фоиз ва зичии аҳолии ноҳия дар 1 км$^2$ -14,3 нафарро ташкил медиҳад.

Мутобиқи нишондиҳандаҳои дурнамо то соли 2015 афзоиши аҳолии ноҳия 6,0 фоизро ташкил хоҳад дод.

***Ҷадвали 1. Дурнамои афзоиши аҳолии ноҳияи Айнӣ дар солҳои 2011-2015***

| *Нишондодҳо* | *с. 2011 ҳисобот* | *с. 2012 баҳо* | *дурнамо* | | | *с. 2015 бо % нисбати с. 2011* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *2013* | *2014* | *2015* | |
| *Шумораи миёнасолонаи аҳолӣ, ҳамагӣ (ҳаз. нафар), аз ҷумла* | *72,1* | *73,2* | *74,4* | *75,6* | *76,8* | *106* |
| *шаҳрӣ* | *2,7* | *2,7* | *100* | *2,7* | *107* | *2,7* |
| *деҳотӣ* | *70,5* | *71,7* | *101* | *74,0* | *106* | *70,5* |

Дар оғози соли 2011 шумораи аҳолии қобили меҳнати ноҳия 43,6 ҳазор нафарро (58%-и шумораи умумии аҳолӣ) ташкил дод.

***Ҷадвали 2. Шумораи аҳолӣ ва хонаводаҳои ноҳия аз рӯи ҷамоатҳо дар соли 2011***

| *Номгӯи ҷамоатҳои деҳот* | *Шумораи хонаводаҳо* | *Шумораи аҳолӣ* |
|---|---|---|
| *Урметан* | *4160* | *17059* |
| *Дар-Дар* | *1669* | *7417* |
| *Айнӣ* | *2824* | *10383* |
| *Рарз* | *2287* | *12609* |
| *Шамтуч* | *1402* | *6675* |
| *Анзоб* | *1426* | *8159* |
| *Фондарё* | *1859* | *8900* |
| *Зарафшон* | *669* | *2967* |
| *Ҳамагӣ дар ноҳия* | *16296* | *74169* |

Дар давоми се соли охир ба сабаби муҳоҷират аз минтақаҳои хавфноки экзогенӣ шумораи аҳолии ноҳия 1431 нафар кам шудааст. Ба сабаби набудани ҷойҳои корӣ 4009 нафар (9,2%-и аҳолии қобили меҳнат), асосан мардон дар муҳоҷирати меҳнатӣ берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ қарор доранд[3].

[2] - Мувофиқи маълумоти баруйхатгирии аҳолӣ дар соли 2010 (шӯъбаи омори ноҳия)

[3] - Бинобар сабаби муҳоҷирати экзогенӣ шумораи аҳолии ноҳия дар соли 2010 нисбат ба солҳои гузашта кам шудааст

99,9 %-и аҳолии ноҳия тоҷикон мебошанд. Намояндагони дигар миллатҳо ҳиссаи ночизи аҳолиро ташкил медиҳанд.

***Ҷадвали 3. Сохтори синусолии аҳолии ноҳия (ба ҳолати 01.01.2011)***

| *Гурӯҳҳои аҳолӣ аз рӯи сину сол* | *Ҳамагӣ* | *Аз ҷумла занон/духтарон* | *Ҳиссаи занон /духтарон аз шумораи умумии аҳолӣ (бо%)* |
|---|---|---|---|
| *Кӯдакони то 16 сола* | *29412* | *15147* | *51,5* |
| *Аҳолии миёнасол (16-62)* | *36774* | *18644* | *50,7* |
| *Аҳолии синусоли нафақа* | *7983* | *4198* | *52,6* |
| *Ҳамагӣ шумораи аҳолӣ* | *74169* | *39310* | *51,2* |

Шумораи бештари аҳолиро одамони синну соли миёна ташкил медиҳанд.

***Ҷадвали №4. Афзоиши демографии аҳолии ноҳияи Айнӣ (ба 01.01.2011)***

| *солҳо* | *Таваллуд* | *Шумораи фавт* | *Муҳоҷират* | | *Афзоиши воқеӣ* | *Афазоиш бо %* | *Шумораи умумии аҳолӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *Омад* | *Рафт* | | | |
| *2008* | *1459* | *431* | *4750* | *4898* | *5786* | *8,3* | *75686* |
| *2009* | *1756* | *486* | *3320* | *3413* | *768* | *1,0* | *76454* |
| *2010* | *1920* | *512* | *7597* | *7624* | *2285* | *3,0* | *74169*[4] |

***1.5. Тамоюли асосӣ ва мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ***. Айнӣ ноҳияи аграрӣ ба ҳисоб рафта, соҳаи саноат нисбатан суст ба роҳ монда шудааст ва яке аз ноҳияҳои дотатсионӣ дар вилояти Суғд ба ҳисоб меравад. Кишоварзӣ соҳаи асосии пешбурди иқтисодиёти ноҳия мебошад. Рушди соҳаи кишоварзӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки хусусияти иҷтимоӣ низ дорад, зеро зиёда аз 98,8 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагӣ мекунад.

Барои баланд бардоштани даромаднокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳия муаммоҳои зерин вуҷуд дорад: кам будани заминҳои киштбоби обёришаванда, таъмин набудан бо тухмиҳои хушсифат, норасогии оби полезӣ, техникаи муосири кишоварзӣ нуриҳои минералӣ, инчунин ҳолати ғайриқаноатбахши заминҳо. Ноҳия дорои иқтидори саноатӣ маъдантозакунӣ мебошад, аммо нокифоягии технологияи нави муосир ва сармоягузорӣ, суст будани рушди корхонаҳои хурду миёна ва норасогии кадрҳои баландихтисос барои рушди минбаъдаи ин соҳаи саноат монеа гардидаанд.

Дар ноҳия шароити мусоид барои инфарасохтори фароғатӣ аз ҷумла табиати зебо, обу ҳавои тоза ва чашмаҳои гуногуни шифобахш муҳайё мебошад.

Мушкилоти асосии соҳаи тандурустӣ зиёдшавии касалиҳои сироатӣ, аз ҷумла сил, вараҷа ва фавти модару кӯдак мебошад. Дар соҳаи маориф норасоии омӯзгорон ва ғайри имкон будани бозомӯзии муаллимони фаннӣ, нисбатан паст будани ҷалби кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ, таъминоти сусти мактабҳо бо воситаҳои аёнии таълим ва китобҳои дарсӣ аз мушкилоти асосӣ маҳсуб мешавад. Ба муаммоҳои асосии соҳаи иҷтимоии ноҳия - паст будани музди меҳнат, муҳоҷирати зиёди меҳнатӣ, шумораи зиёди табақаҳои ниёзманди аҳолӣ, ки ба дастгирии иҷтимоӣ ниёз доранд, дохил мешавад.

Барои беҳтар намудани хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ (ХМК) сатҳи сусти идоракунии соҳа, норасоии инфрасохторӣ дар таъминот бо оби нӯшокӣ, ҷамоварӣ ва безараргардонии партовҳо монеа мебошанд.

Аҳолии ноҳия дар ҳалли проблемаҳои маҳаллии худ фаъолона иштирок менамояд. Дар ҳудуди ноҳия лоиҳаҳои БРСММ, Агроаксияи Олмон, Агентии Олмон оид ба рушди байналхалқи амалӣ мешаванд ва ташкилотҳои ғайридавлатии «Хайрандеш», Иттиҳодияи ҷамъиятии маркази иттилооти машваратии «Комрон», Марказҳои дастгирии ҷамоатҳои Урметан, Дар-Дар, Айнӣ, Рарз, Шамтуч, Фондарё, Анзоб ва Зарафшон фаъолият доранд.

### *1.6. Биниши ноҳияи Айнӣ дар ояндаи наздик*

*Айнӣ – ноҳияи зебоманзара дар водии Зарафшон буда, дорои соҳаҳои кишоварзӣ ва саноати кӯҳии тараққикарда, инфрасохтори замонавӣ, муҳити мусоиди зист ва имконияти хуби таҳсил, сатҳи баланди зиндагӣ мебошад. Соҳибкории хурду миёна ва туризми экологию кӯҳӣ бо ҷалби сармояи хориҷию дохили инкишоф ёфтааст.*

Биниши ноҳияи Айнӣ дар заминаи таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифи рушди ноҳия бо назардошти омилҳои дохилӣ ва беруна таҳия шудааст.

***Ҷадвали 5. Таҳлили вазъияти умумии ноҳия (SWOT)***

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| Захираҳои табиӣ, аз ҷумла канданиҳои фоиданок;<br>Мавҷуд будани корхонаи азими саноатӣ;<br>Иқлими мусоид барои растанипарварӣ ва чорводорӣ;<br>Мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори дохилӣ;<br>Мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ ва кадрҳои баландихтисос дар ноҳия;<br>Мавҷуд будани табиати гуногунранги ҷалбкунанда барои рушди сайёҳӣ;<br>Мавҷуд будани Барномаи миёнамӯҳлати рушди ноҳия;<br>Инфрасохтори иҷтимоӣ;<br>Мардуми меҳнатдӯст ва меҳмоннавоз;<br>Дастрасии аҳолӣ ба қарзҳои хурд. | Истифодаи нокифояи имкониятҳои коркарди канданиҳои фоиданок;<br>Ба иқтидори пурра кор накардани корхонаҳои саноатӣ;<br>Ҷараёни сусти татбиқи ислоҳоти соҳаҳо;<br>Корношоями системаҳои обёрикунӣ;<br>Набудани нуқтаҳои қабул ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;<br>Норасоии ҷойҳои корӣ ва музди меҳнати ночиз;<br>Суст ба роҳ мондани кори тарғиботиву реклама оид ба соҳаи сайёҳӣ;<br>Ҳолати бади роҳҳои маҳаллӣ;<br>Бад шудани ҳолати заминҳои корам;<br>Характери дотатсионӣ доштани буҷети ноҳия. |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| Мавҷудияти шоҳроҳи транзитии Душанбе –Чанок;<br>Мавҷудияти талаботи беруна ба маҳсулоти кишоварзии ноҳия;<br>Мавҷудияти талаботи беруна ба маҳсулоти саноатии ноҳия;<br>Дар барномаҳои ҷумҳуриявӣ пешбинӣ намудани маблағгузории сохтмон ва азнавсозии мактабҳо ва беморхонаҳо;<br>Оғоз намудани сохтмони роҳи автомобилгарди Панҷакент – Айнӣ - Кӯҳистони Мастчоҳ:<br>Ҷалб намудани сармои хориҷӣ барои рушди соҳаи коркарди маъдан;<br>Мавриди амал қарор гирифтани тақсимоти замини наздиҳавлигӣ;<br>Оғози бунёди НОБ-и хурди барқи дар ноҳия. | Таъсири офатҳои табиии (обхезӣ, жола, хушксолӣ, тарма, ярч ва ғайра);<br>Муҳоҷирати аҳолӣ ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ;<br>Сатҳи пасти рушди иқтисодӣ;<br>Тағйир ёфтани нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ;<br>Ба фуруш нарафтани тамоку;<br>Вайроншавии заминҳои киштшаванда;<br>Таъсири манфии бӯҳрони иқтисодӣ ба раванди рушди маҳаллӣ;<br>Фоизи баланди қарзҳо. |

# 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ КУНУНӢ ВА ДУРНАМОИ СОҲАҲО

## 2.1. Иқтисодиёт

### *2.1.1. Соҳаи кишоварзӣ*

***Нақши соҳаи кишоварзӣ дар иқтисодиёти маҳаллӣ***. Кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди ноҳия буда дар он 15,5 ҳаз. нафар (35,6%-и аҳолии қобили меҳнат) машғуланд. Соҳаи кишоварзӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки хусусияти иҷтимоӣ низ дорад, зеро зиёда аз 96,4 фоизи аҳолии ноҳия ё 71540 нафар дар деҳот зиндагӣ мекунанд, ки аз он занҳо 35830 нафар ё 50,1 фоизро ташкил медиҳанд. Мутобиқи маълумоти оморӣ ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2010 - 52,3 млн. сомониро (60,7% аз маҷмӯи махсулоти дохилӣ) ташкил дод, ки нисбати соли 2009 - 8,7% ва соли 2008 - 13,4% зиёд мебошад.

***Диаграмаи 1. Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2008-2010 (млн. сомонӣ)***




***Шаклҳои хоҷагидорӣ дар бахши кишоварзӣ.*** Дар доираи татбиқи ислоҳоти бахши кишоварзӣ дар заминаи хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия 24 кооперавии истеҳсолӣ, 22 хоҷагиҳои ҷамоавии деҳқонӣ 214 адад хоҷагиҳои инфиродии деҳқони (фермерӣ), ҳамагӣ 260 ададро мебошанд. Аз 16293 хонаводаи ноҳия саҳмдорони хоҷагиҳои кишоварзи 15525 нафар, аз ҷумла, 10712 нафар занҳо (69,2%) мебошанд.

***Ҷадвали №6. Шумораи хоҷагиҳо дар ҷамоатҳо дар огози соли 2011***

| *Номгӯи ҷамоатҳо* | *Хонаводаҳо* | *хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоавӣ* | *Хоҷагиҳои инфиродӣ* |
|---|---|---|---|
| *Урметан* | *4160* | *9* | *23* |
| *Дар-Дар* | *1669* | *5* | *40* |
| *Айнӣ* | *2824* | *4* | *70* |
| *Рарз* | *2287* | *5* | *33* |
| *Шамтуч* | *1402* | *2* | *-* |
| *Анзоб* | *1426* | *5* | *38* |
| *Фондарё* | *1859* | *5* | *12* |
| *Зарафшон* | *669* | *-* | *-* |
| *Дар дигар ноҳияҳо* | | *18* | *-* |
| *Ҳамагӣ:* | *16293* | *53* | *216* |

Дар истеҳсолоти кишоварзии ноҳия сатҳи таъминот бо техника аҳамияти муҳим мебошад. Айни замон дар хоҷагиҳои ноҳия 189 адад техникаи гуногуни кишоварзӣ мавҷуд аст, ки ҳамагӣ 52 фоизашон коршоянманд. Баъди пошхурии Иттиҳодияи шӯравӣ бо сабаби имкониятҳои маҳдуди молиявӣ техникаи кишоварзӣ харидорӣ нашудааст.

***Ҷадвали № 7. Техникаҳои мавҷудаи кишоварзӣ ва ҳолати коршоямии онҳо (ба 01.01.соли 2011)***

| *Номгӯи техника* | *Ҳамагӣ* | *Омода* | *Фоизи омодагии техника* |
|---|---|---|---|
| *Трактори тасмачарх* | *28* | *12* | *42,8* |
| *Трактори чархдор* | *55* | *31* | *56,3* |
| *Комбайн* | *8* | *3* | *37,5* |
| *Экскватор* | *4* | *1* | *25,0* |
| *Присепҳо* | *42* | *21* | *50,0* |
| *Плугҳо* | *52* | *30* | *57,6* |
| *Ҳамагӣ:* | *189* | *98* | *52* |

***Истифодабарии заминҳо***. Масоҳати умумии заминҳои ноҳия 515820 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 4071 га заминҳои кишоварзӣ (якҷоя бо заминҳои ноҳия дар ноҳияҳои Зафаробод 1058 га ва Шаҳристон 96га.) мебошанд.

Аз маҷмӯи заминҳои кишоварзӣ, ҳамагӣ 2917 га замини корам, аз он 2813 га обӣ ва 104 га замини лалмӣ аст. Ҳарчанд масоҳати ноҳия хеле васеъ бошад ҳам, вале ҳамагӣ 3 фоиз ё 15474 га заминҳои обӣ қобили истифода мебошанд.

***Диаграммаи 2. Сохтори истифодаи заминҳои ноҳия дар соли 2011***




Бо сабаби маҳдудияти заминҳои кишоварзӣ қобили истифода ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар сокини ноҳия 0,03га замин рост меояд, ки ин нишондиҳандаи камтарин дар миқёси вилоят ва ҷумҳурӣ аст.

***Ҷадвали №8. Маълумот дар бораи истифодаи заминҳо***

| *№р/т* | *Истифодабарии заминҳо* | *Масоҳат, га ба 01.01.2011* |
|---|---|---|
| *1.* | *Шумораи заминистифодабарандагон (нафар)* | *15525* |
| *2.* | *Майдони умумии заминҳо* | *515820* |
| *3.* | *Аз ҷумла: Замини кишоварзӣ* | *4272* |
| *4.* | *Замини корам* | *2585* |

| | | |
|---|---|---|
| 5. | *Боғҳо* | *674* |
| 6. | *Чарогоҳ* | *126525* |
| 7. | *Ҷангалу бешазорҳо* | *22139* |
| 8. | *Заминҳои зери об* | *2953* |
| 9. | *Заминҳои зери роҳҳо* | *1530* |
| 10. | *Заминҳои зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо* | *771* |
| 11. | *Чарҳо* | *99* |
| 12. | *Ярҷу шағалдор* | *255713* |
| 13. | *Пиряххо* | *16742* |
| 14. | *Дигар заминҳое, ки дар кишоварзӣ истифода на-мешаванд.* | *69846* |

Бо сабаби маҳдуд будани захираи молиявӣ аҳолӣ ба азхудкунии заминҳои нав таваҷҷӯҳ надорад, вале дар сохтори истифодаи замин тағирот ба назар мерасад.

***Диаграммаи №3: Истифодаи заминҳои корам дар соли 2010***




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар 2 соли охир дар ноҳия тамоюли коҳиш ёфтани майдони кишти зироати хӯроки чорво ва афзоиши кишти ғаладона, ба назар мерасад.

***Диаграммаи №4. Тамоюли тағйирёбии истифодаи заминҳои корам(га) дар давраи солҳои 2009-2010***



**Растанипарварӣ**. Ҳиссаи растанипарварӣ дар ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ ноҳия дар соли 2010 - 63,9 фоизро ташкил дод.

***Диаграммаи №5. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот растанипарварӣ дар солҳои 2008-2010 (млн. сомонӣ)***




Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2010 нисбати соли 2009 бинобар сабаби афзоиши ҳосилнокӣ баъзе зироатҳо (ба ғайр аз ғалладонагиҳо ва пахта) дар ҳаҷми 13 фоиз зиёд шудааст.

Сабаби асосии пастшавии ҳосилнокии ғалладонагиҳо ва пахта ин номусоидии боду ҳаво ва мунтазам боло рафтани нархи нуриҳои минералию ва сӯзишворӣ мебошад. Тамоюли болоравӣ ва камшавии ҳосилнокӣ ва истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ҷадвал оварда мешавад.

***Ҷадвали №8. Ҳаҷми истеҳсол ва ҳосилнокии маҳсулоти растанипарварӣ дар давраи солҳои 2007-2010***

| *Номгӯи нишондиҳандаҳо* | *Ченак* | *Солҳо* | | | | *с.2010 нисбати с.2007,%* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *2007* | *2008* | *2009* | *2010* | |
| *Ғаллаҳо, ҳамагӣ* | *тонна* | *3228* | *2785* | *3767* | *4657* | *144* |
| *ҳосилнокӣ* | *с/га* | *23,8* | *18,4* | *21,4* | *18,8* | *79* |
| *Сабзавот, ҳамагӣ* | *тонна* | *4115* | *4134* | *4871* | *4933* | *120* |
| *ҳосилнокӣ* | *с/га* | *203* | *253* | *291,8* | *292,9* | *144* |
| *Картошка, ҳамагӣ* | *тонна* | *7654* | *7729* | *8300* | *8498* | *111* |
| *ҳосилнокӣ* | *с/га* | *200* | *214* | *239,8* | *245,7* | *123* |
| *Меваҷот, ҳамагӣ* | *тонна* | *2267* | *2721* | *1642* | *2121* | *93,5* |
| *ҳосилнокӣ* | *с/га* | *38* | *44,4* | *27,2* | *35,4* | *93,1* |
| *Полезиҳо, ҳамагӣ* | *тонна* | *655* | *70* | *88* | *383* | *58,4* |
| *ҳосилнокӣ* | *с/га* | *311* | *233* | *46,3* | *243,8* | *78,3* |
| *Пахта* | *тонна* | *501* | *157* | *228* | *248* | *49,5* |
| *ҳосилнокӣ* | *с/га* | *12,0* | *11,1* | *15,8* | *14,1* | *117,5* |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бинобар саривақт нагузаронидани корҳои агротехникии коркарди замин, аз рӯи меъёри муқарраршуда таъмин накардан бо нуриҳои маъданӣ, фарсуда гаштани техникаи мавҷудаи кишоварзӣ, набудани системаи киштгардон ва сари вақт таъмин нагардидани захрхимикатҳо сабаби паст шудани ҳосилнокӣ гардидааст.

***Картошкапарварӣ*** барои хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия яке аз соҳаҳои даромаднок ба ҳисоб меравад. Дар хоҷагиҳои ноҳия соли 2010 - 8498 тонна картошка истеҳсол шуд, ки нисбат ба соли 2009 - 198 тонна зиёд мебошад.

***Ҷадвали №8. Истеҳсоли картошка дар солҳои 2000-2008***

| *Солҳо* | *Майдон (га)* | *Ҳосилнокӣ (с/га)* | *Истеҳсол тонна* | *Фурӯш (тонна)* | *Маблаги фурӯш Сомонӣ* | *Арзиши сомонӣ* | *Фоида, зарар сомонӣ* | *Даромаднокӣ (бо%)* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *2007* | *388* | *200* | *7654* | *1497* | *218550* | *171276* | *47274* | *27,6* |
| *2008* | *361* | *214* | *7729* | *1895* | *222550* | *220600* | *9583* | *2,5* |
| *2009* | *346* | *239,8* | *8300* | *2075* | *260975* | *249460* | *11515* | *4,6* |
| *2010* | *346* | *245,7* | *8498* | *2082* | *281148* | *268359* | *12789* | *4,7* |

Таҳлил нишон медиҳад, ки истеҳсоли картошка сол аз сол зиёд гардида, ҳосилнокии он дар соли 2010 нисбати соли 2007 – 22,8 фоиз афзудааст. Имкониятҳои зиёд намудани ҳаҷми кишти картошка дар ноҳия вуҷуд дорад, вале паст будани сифати тухмии картошка, маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои картошкапарварӣ ба қарзҳои имтиёзноку дарозмӯҳлат, дур будани бозорҳои фурӯш ва набудани техникаи кишоварзии муосир ба истифодаи пурраи имкониятҳо монеа эҷод кардаанд.

***Богдорӣ.*** Боғдорӣ шуғли асосии кишоварзони ноҳия буда, дар таъмини аҳолӣ бо меваҳои тару тоза, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии ноҳия ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолии мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Обу ҳавои мусоиди ноҳия имконият фароҳам меорад, ки майдони боғҳо аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил ва зиёд намудани майдони он сол аз сол зиёд гардида, талаботи аҳолӣ ба меваҳои тару тоза пурра таъмин ва иқтидори содироти он зиёд карда шавад.

***Ҷадвали №9 Нишондиҳандаҳои соҳаҳои асосии богдори дар солҳои 2008-2010***

| *Намуди маҳсулот* | *Ченак* | *2008* | *2009* | *2010* |
|---|---|---|---|---|
| *Мева* | *тонна* | *2722* | *1642* | *2121* |
| *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *44,2* | *27,2* | *38,4* |
| *Ангур* | *тонна* | *16* | *160* | *160* |
| *Ҳосилнокӣ* | *с/га* | *101* | *100* | *100* |
| *Майдони богҳо* | *га* | *600* | *640* | *674* |

То соли 2011 майдони боғҳо дар ноҳия ба 674 га расонида шудааст. Талаботи рузафзун ба меваю масолеҳи сохтмонӣ бахусус чӯбу тахта (аз ҳисоби шинондани дарахтони бемева) тақозо мекунад, ки дар оянда боғдорӣ дар ноҳия ривоҷ дода шавад. Танҳо дар соли 2010 дар хоҷагиҳои ноҳия 50,2 га боғи нав бунёд карда шуд, ки барои дар оянда зиёд намудани истеҳсоли мева, масолеҳи сохтмонӣ ва инкишоф додани боғдорӣ имконият медиҳад.

Барқарор намудани базаи моддию техникии боғпарварӣ (истифодаю нигоҳдории захрхимикатҳо, нигоҳдорию кашонидани меваҷот), барқарор намудани стансияҳои муҳофизати растаниҳо ё таъмин намудани хоҷагиҳо ва аҳолӣ бо зарҳимикатҳо вазифаҳои асосии соҳа мебошад.

***Обтаъминкунӣ.*** Рушди соҳаи кишоварзӣ ба ҳолати системаи обёрӣ вобаста аст. Бад шудани ҳолати мелиорарививии заминҳо дар ноҳия ба он оварда расонидааст, ки қисмати заминҳо аз гардиши кишоварзӣ берун монда, ҳосилнокии онҳо кам шудааст.

Ҷамоатҳои деҳоти Урметан ва Рарз хоса ба маблағгузорӣ ҷиҳати тармими системаи обёрӣ эҳтиёҷ доранд. Дар сурати обёрии 360 га заминҳои бекорхобида дар мавзеъҳои Хушекат (35га), дашти Ишкамбаи деҳаи Кумарғи ҷамоати Айнӣ (80га), со-

хтмони навбати дуюми канали ва хати оби дарозиаш 400 метр барои обёрии дашти Нарге, таъмири каналҳои Ревад – Ёвон, Дашти Устообид (150га), Испенаи Ревад (500га) дар ҷамоати Урметан, Шафати Рарз (40га), Дашти Похут (60га) дар ҷамоати Рарз, Искандари Дарғ (30га) дар ҷамоати Шамтуч масоҳати заминҳои обии ноҳияро зиёд гардида, боғҳои нав бунёд намудан мумкин аст. Ин дар навбати худ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат менамояд.

***Чорводорӣ:*** Чорводорӣ дар баробари дигар бахшҳо яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия мебошад. Дар соли 2010 ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 36,0%-ро ташкил дод. Дар соли 2010 хоҷагиҳои кишоварзӣ 18,8 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки нисбати соли 2009 3,6 % зиёд мебошад.

***Диаграммаи №6 Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2006-2010(млн.сомонӣ)***




Бояд зикр намуд, ки сол аз сол саршумори чорво, аз ҷумла қутос, бузу гӯсфанд ва асп меафзояд. Ба ин иқлими созгор мусоидат менамояд.

***Ҷадвали №10. Саршумори умумии чорво ва парранда дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)***

| № | Номгӯй | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2010 нисбати 2007 бо% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Чорвои калон: | 9686 | 14846 | 25335 | 25387 | 0,2 |
| | аз ҷумла қутосҳо | 453 | 538 | 655 | 715 | 9,2 |
| 2 | Бузу гӯсфанд | 54999 | 103319 | 104027 | 104678 | 0,6 |
| 3 | Аспҳо | 215 | 219 | 222 | 223 | 0,5 |
| 4 | Парранда | 15013 | 17797 | 18891 | 18809 | -0,4 |
| Ҳамагӣ: | | 80366 | 136719 | 149130 | 149812 | 0,5 |

Бояд қайд кард, ки 92,3 фоизи чорво ва 100 фоизи парранда ба хоҷагиҳои шахсӣ мансуб мебошад. Умуман хариду фурӯши чорвои калони шохдор дар байни сокинони водии Зарафшон маъмул буда, ҳиссаи зиёди даромади онҳо аз ин ҳисоб аст.

Зиёд шудани саршумори чорво дар сектори хусусӣ, барҳам хӯрдани фермаҳои чорводорӣ, набудани имконияти зиёд кардани саршумори чорво ва истифодаи чарогоҳҳо аз монеаҳои рушди соҳаи чорводорӣ мебошанд. Бо мақсади афзун намудани маҳсулоти чорводорӣ, ба иқлими мусоиди ноҳия барои парвариши қутос дар асоси Барномаи рушди соҳаи қутоспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-

2015 дар ноҳия хоҷагиҳои қутоспарварӣ ташкил гардида, ба парвариши он машғул мебошанд ва саршумори қутос дар ин хоҷагиҳо сол аз сол зиёд шуда истодааст.

Ҳоло дар ноҳия зиёда аз 1100 оилаи замбӯр мавҷуд буда, истеҳсоли асал соли 2010 ба 15 тонна расонида шуд, ки дар қиёс ба соли 2009 - 3 тонна зиёд мебошад.

***Хизматрасонии байторӣ.*** Дар шароити имрӯза рушди соҳаи чорводорӣ ва паррандапарвариро бе хизматрасонии босифати байторӣ ҷиҳати сари вақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда тасаввур намудан ғайримкон аст.

Дар ноҳия Айнӣ ҳолатҳои алоҳидаи гирифтор шудани чорво ба касалиҳои сиёҳрон (эмкар-қарасон), зардкасал (лептоспироз), ҳорӣ бурселёз (буғумдард) ва дигар касалиҳо дар байни чорвои калон ва моли майда, ҳамзамон вабои мурғҳои хонагӣ (псевдочума) ба мушоҳида мерасад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад ин пеш аз ҳама набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, нарасидани мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи доруворӣ ва мушкил будани дастрас намудани он мебошад. Дар ноҳия дорухонаҳои байторӣ мавҷуд нест.

Бинои идораи байтории ноҳия, ба таъмири асосӣ ниёз дорад. Айни ҳол, ташкил намудани клиникаҳои байторӣ (дар сатҳи ҷамоатҳо) бо назардошти меъёрҳои стандартӣ ва муҷаҳҳаз гардонидани онҳо бо техника ва технологияи замонавӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Маблағгузории нокифоя ба соҳа, имконият намедиҳад, ки мушкилоти бамиёномада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, хушзоткунии чорво, тарғиби таҷрибаи пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи бойторӣ чораҳои саривақтӣ андешида шавад.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонии байторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво, парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инвазионӣ (паразитӣ) ва хунӣ дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, ташкил намудани нуқтаҳои махсус барои куштани чорвои гӯштӣ лозим мебошад.

**Хизматрасониҳо бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ**. Дар давраи солҳои 2008-2010 ба соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд ба маблағи 20,7 млн. сомонӣ қарз дода шудааст. Сабаби асосии коҳишёбии ҳаҷми қарздиҳӣ баланд будани фоизи қарз ва кутоҳ будани мӯҳлати баргардонидани он мебошад.

***Диаграммаи №7. Хизматрасониҳо бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 2008-2010 (млн. сомонӣ)***



Ҳамагӣ дар соли 2010 аз ҷониби бахшҳои бонкҳо дар ноҳия ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд 6,8 млн. сомонӣ қарз дода шудааст, ки 19 фоизи қарзгирандагони он занҳо мебошанд.

Дар ноҳия бо мақсади дастгирии соҳибкории хурду миёна ба дастгири ва ибтикори БРСММ маркази ахборӣ - машваратии «Комрон» ва дар ҷамоатҳо марказҳои дастгирии ҷамоатҳо ташкил шудаанд, ки ба деҳқонон қарзҳои хурд медиҳанд ва ёрии машваратӣ мерасонанд.

***Дурнамо.*** Мутобиқи нишондиҳандаҳои дурнамо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2015 бояд 77,2 фоиз нисбати соли 2010 (52,3 млн. сомонӣ), аз ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 48,7 фоиз аз ҳисоби рушди интенсивии истеҳсолоти кишоварзӣ (зиёд намудани ҳосилнокӣ) ва чорводорӣ 26,3 фоиз, асосан аз ҳисоби аҳолӣ ташкил диҳанд.

***Ҷадвали №11. Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2011-2015 (млн. сомонӣ)***

| *Нишондиҳандаҳо* | *2011 ҳисобот* | *2012 баҳо* | *Дурнамо* | | | *2015 нисбати 2011 %* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *2013* | *2014* | *2015* | |
| *Истеҳсоли ҳаҷми маҷмӯӣ маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла:* | *78,4* | *85,5* | *86,9* | *90,9* | *92,7* | *118,4* |
| *Растанипарварӣ* | *55,1* | *62,1* | *63,4* | *67,2* | *69,0* | *125,2* |
| *Чорводорӣ* | *23,2* | *23,4* | *23,5* | *23,6* | *23,7* | *102,2* |

Ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ соли 2015 нисбати соли 2011, аз ҷумла пахта 32%, картошка – 4%, гандум -3,4% ва мева 1,5% зиёд карда мешавад.

***Ҷадвали №11.Дурнамои ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ ва соҳаи чорводорӣ дар солҳои 2011-2015***

| *Нишондиҳандаҳо* | *2011 ҳисобот* | *2012 баҳо* | *Дурнамо* | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *2013* | *2014* | *2015* | *2015 нисбати 2011 (%)* |
| *Ҳосилнокии зироатҳо* | | | | | | |
| *Ғалла-с/га Аз ҷумла* | *19,6* | *19,6* | *19,8* | *19,8* | *19,9* | *101,5* |
| *Гандум – с/га* | *21,4* | *22* | *22* | *22,1* | *22,2* | *103,7* |
| *Пахта – с/га* | *12,2* | *15* | *15* | *16* | *16,1* | *131,9* |
| *Картошка – с/га* | *250,8* | *251* | *251,1* | *251,2* | *251,2* | *104* |
| *Сабзавот – с/га* | *296,9* | *297* | *297,1* | *297,2* | *297,3* | *100,8* |
| *Полезиҳо – с/га* | *246,5* | *247* | *247,1* | *247,2* | *247,3* | *100,3* |
| *Мева – с/га* | *38,6* | *387* | *39* | *39,1* | *39,2* | *101,5* |
| *Ангур – с/га* | *106,2* | *106,3* | *106,4* | *106,5* | *106,6* | *100,2* |
| *Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (тонна)* | | | | | | |
| *Ғалла ҳ-т* | *3761* | *4737* | *4950* | *4970* | *7990* | *132,7* |
| *Аз ҷумла гандум* | *1362* | *1716* | *1727* | *1746* | *1756* | *128,9* |
| *Пахта* | *301* | *302* | *301* | *352* | *368* | *122,2* |
| *Картошка* | *10261* | *14141* | *14563* | *15323* | *15574,4* | *151,7* |
| *Сабзавот* | *5183* | *5200* | *5250* | *5360* | *5510* | *106,3* |
| *Полезиҳо* | *764* | *765* | *766* | *778* | *791* | *103,5* |
| *Мева* | *2215* | *2292* | *2354* | *2440* | *2588* | *161,9* |
| *Ангур* | *170* | *180* | *190* | *210,0* | *213,0* | *125,3* |
| *Саршумори чорво ва парранда* | | | | | | |
| *Моли калони шохдор* | *25563* | *25600* | *25650* | *25700* | *25800* | *101,1* |
| *Аз ҷумла модагов* | *15309* | *15350* | *15400* | *15450* | *15500* | *101,3* |
| *Гусфанд ва буз* | *105013* | *106100* | *106700* | *107200* | *108000* | *104,8* |

### *2.1.2. Саноат*

*Саҳми саноат дар иқтисодиёти ноҳия*: Дар ноҳия 3 корхонаи саноати-КМ «Азоб», «Кони ангишти Фон - Яғноб» ва Матбаа фаъолият менамоянд.

Ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти ноҳия 39,2%-ро ташкил дода, дар соли 2010 дар ҳаҷми 33,8 млн. сомонӣ маҳсулоти саноати истеҳсол карда шудааст. Ҳаҷми маҷмӯи махсулоти саноатӣ дар се соли охир тамоюли болоравӣ дорад.

***Диаграммаи № 8. Афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти саноат (млн.сомонӣ)***




Асоси соҳаи саноати ноҳияро истеҳсоли маъдани сурмаю симоб ва ангишт ташкил медиҳанд. Мавҷуд будани ду корхонаи саноати кӯҳӣ ва талабот ба маҳсулоти онҳо дар бозори дохилию берунӣ имконият фароҳам меовард, ки истеҳсоли маҳсулот дар ин корхонаҳо афзоиш ёбад.

Қисми зиёди воридоти андозҳо ба буҷаи маҳаллӣ аз корхонаҳои мазкур аст. Дар соли 2010 ҳаҷми он дар буҷети маҳаллӣ 41,3 фоизро ташкил дод.

***Ҷадвали №12. Истеҳсоли ва фурӯши маҳсулоти асосии саноатӣ дар солҳои 2008-2010***

| *№ р/т* | *Нишондиҳандаҳо* | *Воҳиди ченак* | *2008* | *2009* | *2010* | *2010 нисбати 2008 бо %* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *1.* | *Истеҳсоти ангиштсанг* | *ҳаз. с* | *3206,7* | *3590,6* | *4961,2* | *154,7* |
| *2.* | *Фурӯши ангиштсанг* | *ҳаз. с* | *3081,7* | *2891,8* | *5249,3* | *170,3* |
| *3.* | *Истеҳсоли хокаи сурмаю симоб* | *ҳаз. с* | *12302,9* | *14057,7* | *28366,7* | *230,5* |
| *4.* | *Фурӯши хокаи сурмаю симоб* | *ҳаз. с* | *10055,4* | *16980,6* | *31162,2* | *309,9* |

Корхонаи муштараки «Анзоб» барои истеҳсоли маъдани сурмаю симоб таъсис дода шудааст ва маҳсулоти корхона барои коркади минбаъда ба хориҷӣ кишвар бароварда мешавад. Мушкилоти асоси ташкили истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ мебошад, ки дар ояндаи наздик ба афзоиши иқтидори содиротӣ, даромаднокии корхона, музди маоши коргарон, ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат хоҳад кард. Бинобар ин дар соли 2010 сохтмони фабрикаи истеҳсоли маҳсулоти ниҳои дар ҳудуди ноҳия оғоз гардидааст.

***Ҷадвали №13. Ҳолати корхонаҳои саноатии ноҳия ва истифодабарандагони маҳсулот***

| № | Номгӯи корхонаҳо саноатӣ | Намуди фаъолият ё маҳсулоти истеҳсол-да | Иқтидори лоиҳавӣ (тонна) | Иқтидори воқеӣ (тонна) | Ҳолати таҷҳизот | Истеъмол-гон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | КМ «Анзоб» | Истихроҷи маъдани сурмаю симоб | 20000 | 11254,8 | Хуб аст | Ҷумҳурии Қиргизистон |
| 2. | Кони ангишти «Фон-Ягноб» | Истихроҷи ангишт | 70000 | 44100 | Хуб нест | Аҳолӣ ва корхонаҳои ҷумҳурӣ |
| 3. | Матбаа | Нашри маҳ. чопӣ | 20000 ҷузъи чопи | 11500 (дона) | Хуб нест | Аҳолии ноҳия |

***Дурнамо.*** Мутобиқи дурнамои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноати дар соли 2015 бо истифода аз иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, татбиқи технологияи нави ҳозиразамони коркарди ашёи хоми маҳалӣ нисбати соли 2011-ум 22,6 фоиз афзоиш хоҳад ёфт.

***Ҷадвали№14. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2011-2015 (ба ҳисоби ҳазор сомонӣ)***

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | Дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 нисбати 2011 (%) |
| Маҳсулоти саноатӣ (кору хизмат) бо нархҳои яклухти корхонаҳо (ҳамагӣ) | 117,2 | 137,4 | 139,6 | 142,3 | 144,0 | 122,6 |
| Аз ҷумла дар соҳаҳо: Сузишворӣ | 9,6 | 13,1 | 14,9 | 16,2 | 17,6 | 183 |
| Металлургияи ранга | 107,8 | 117,8 | 117,9 | 117,9 | 118,0 | 109 |

Инчунин, истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноатӣ соли 2015 нисбати соли 2011, аз ҷумла ангишт 49,4% хокаи сурма 4,6%, маҳсулоти консерва 50% зиёд карда мешавад.

***Ҷадвали № 15. Нишондодҳои дурнамои афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯи намудҳои асосии маҳсулот дар солҳои 2011-2015***

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳо | Дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 | 2015 нисбати 2011 (%) |
| КМ- «Анзоб» - истеҳсоли хокаи сурмаи 30% - тонна | 22141 | 22150 | 22155 | 22160 | 23180 | 104,6 |
| Истеҳсоли ангишт (ҳ/тонна) | 93,0 | 107,0 | 117,5 | 128,0 | 139,0 | 149,4 |
| Матбаа – чопи асноди ҳуҷҷатгузорӣ (ҳ/дона) | 20,0 | 21,0 | 21,5 | 22 | 23 | 115 |
| ҶДММ «Шамтуч» истеҳсоли шарбатҳо | 10,0 | 12,0 | 13,0 | 14,0 | 15,0 | 150 |

***Омилҳои экологӣ***: Айни ҳол, таъсири корхонаҳои саноатии ноҳияи ба бехатарии муҳити зист пурра омӯхта ва мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Аксарияти корхонаҳои саноатии ноҳия шиносномаи экологӣ ва таҷҳизоти чангу ғубор тозакунандаи муосир, инчунин шабакаи мушоҳида ва баҳисобгирии партовҳои зараноки ба фазо хориҷшаванда надоранд.

*Ҷадвали №16. Партовҳои зараровар ба муҳити зист дар соли 2010*

| Номгӯи маводҳои зараровар | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ тонна/ифлосшавӣ | 61,403 | 61,330 | 61,403 |
| аз он партовҳои сахт | 40,991 | 40,240 | 40,991 |
| Партовҳои газмонанд ва моеъ | 20,412 | 21,090 | 20,412 |
| Аз он $SO_2$ (карбогидратҳои ангидридӣ) | - | - | - |
| CO (оксиди углерод) | - | - | - |
| $NO_2$ (оксиди азот) | 19,556 | 19,432 | 19,556 |
| $C_2H_2$ (углеводород) | - | - | - |
| Дигарҳо | 0,856 | 1,658 | 0,856 |
| Барои тоза намудан ворид шуд | 59,640 | 56,460 | 57,330 |
| Аз он безарар гардонида шуд | 59,640 | 56,460 | 57,330 |

Дар соли 2010 дар корхонаҳои саноатии ноҳия 895 нафар коргар фаъолият доштанд, ки 2,1%-и аҳолии қобили меҳнати ноҳияро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №17. Шумораи кормандон дар соҳаи саноат (нафар)*

| р/т | Номгӯи корхона | 2008 | 2009 | 2010 | 2010 нисбати 2008 (-;+) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | КМ Анзоб | 705 | 715 | 748 | 43 |
| 2. | Кони Фон-Ягноб | 128 | 127 | 145 | 17 |
| 3. | Матбаа | 3 | 4 | 2 | -1 |
| Ҳамагӣ: | | 836 | 846 | 895 | 59 |

### *2.1.3 Соҳибкории хурду миёна*

Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти ноҳия нақши муҳим мебозад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ бемайлон афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар маҷмӯи умумии маҳсулоти ноҳия 46 фоизро ташкил медиҳад.

*Диаграммаи №9. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасони СХМ дар солҳои 2008-2010*




Инкишофи соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ назаррас мебошад.

Дар соли 2010 дар ноҳия 23 адад ҷамъиятҳои масъулияташ маҳдуд, 3 адад ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ба қайд гирифта шудаанд. Дар ноҳия баҳри дастгирии соҳибкории хурду миёна бо ташаббус ва мусоидати БРСММ, ИҶ маркази иттилоотии «Комрон» ва дар назди ҷамоатҳои деҳот марказҳои дастгирии ҷамоат оид ба додани қарзҳои хурд ташкил карда шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки қисми бештари соҳибкорон ба фаъолияти тиҷорат ва дар соҳаи нақлиёт машғуланд. Мувофиқи маълумоти омор аз шумораи умумии

соҳибкорони бо патент ва шаҳодатнома машғулбуда (721 нафар) 418 нафарашон ё 57,2 % ба фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, 19 саноатӣ, 70 нафар ба мусофир ва боркашонӣ ва боқимонда 224 нафар ё 30% ба дигар намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд. Мутобиқи дурнамо соли 2015 шумораи нафарони ба соҳибкорӣ машғулбуда 23,6% меафзояд.

***Диаграммаи №10. Ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти СХМ аз рӯи соҳаҳо***




***Ҷадвали 19. Ҳиссаи СХМ дар фарогирии шуғли аҳолӣ аз рӯи соҳаҳо дар соли 2010***

| *Соҳаҳо* | *Шумораи субъектҳои бақайдгирифташуда* | | *Шуғл* | |
|---|---|---|---|---|
| | *Шахси ҳуқуқӣ* | *Шахси воқеӣ* | *Шумораи ҷои корӣ* | *Ҳисса дар шуғли умумӣ* |
| *Кишоварзӣ* | *1* | *-* | *15* | *0,1* |
| *Нақлиёт ва алоқа* | *2* | *70* | *102* | *0,5* |
| *Савдо* | *1* | *437* | *453* | *2,3* |
| *Хизматрасонӣ* | | *33* | *33* | *0,2* |
| *Сохтмон* | *23* | *-* | *117* | *0,6* |
| *Хизматрасонии қарзӣ* | *8* | *-* | *24* | *01* |
| *Дигар соҳаҳо* | *-* | *191* | *191* | *1,0* |
| *Ҳамагӣ* | *20* | *731* | *751* | *-* |
| *Ҳамагӣ шуғл* | *204* | *731* | *935* | *4,7* |

Тавассути фаъолияти соҳибкорон соли 2010 ба буҷети ноҳия 644,3 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки 9,1 %-и воридоти онро ташкил медиҳад.

Рушди ҳунарҳои анъанавӣ низ метавонад дар беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳия нақши муҳимро бозида, барои занону духтарони ноҳия ҷойҳои нави кориро ташкил намояд. Инчунин дар ноҳия бо назардошти имкониятҳо ташкили соҳибкории хурду миёна дар соҳаи саноату энергетика ва кишоварзӣ, дар заминаи инкишофи корхонаҳои хурд ва миёна ба ҳисоб меравад, ки дар ин самт эҳёи кохонаҳои хурди заршӯи (мутаассифона дар солҳои охир истифода бурда намешавад), ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз ҳисоби захираҳои табиӣ, бунёди неругоҳҳои хурди барқи обӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ муҳим мебошад.

***Мушкилоти СХМ.*** Сабаби суст инкишоф ёфтани соҳибкории хурду миёна дар ноҳия ба мавқеи ҷуғрофии он вобастагии зич дорад, аз ҷумла дар масофаи дур ҷойгир будани ноҳия аз маркази вилоят ва ҷумҳурӣ, болоравии нархҳои сузишворию равғанҳои молиданӣ, фоизи баланди қарзҳои бонкӣ, маҳдуд будани бозори дохила ва меъёрҳои баланди андоз марбут аст. Инчунин суст будани фаъолияти ассотсиатсияи соҳибкорон, ҳимоя нашудани манфиатҳои ҳуқуқҳои онҳо, (аксарияти соҳибкорон

ҳуқуқҳои худро намедонанд,) пулаки шудани шоҳроҳи Душанбе-Чанак ба фаъолияти соҳибкорон халал мерасонад.

Барои таъмини рушди бемайлони соҳибкории хурду миёна дар ноҳия андешидани тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад,ки пешниҳоди қарзҳои хурд барои рушди соҳа аз ҳисоби фондҳои гардиши Марказҳои дастгирии ҷамоатҳои ноҳия, ташкили шароити мусоид барои муассисаҳои қарздиҳанда дар микёси ноҳия ҷиҳати дастраси соҳибкорон ба қарзҳои имтиёзнок, ҷалби сармоягузорони потенсиалӣ барои воридсозии технологияи пешқадам, ташаккули системаи пешбурди лоиҳаҳои инвеститсионӣ, иқлими созгори инвеститсионӣ ва ташкили шароит барои таъсиси корхонаҳои муштарак дар ҳудуди ноҳия

***Мусоидат барои рушди соҳибкории хурду миёна.*** Дар инкишофи соҳибкорони хурду миёна фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд мавқеи хосаро ишғол менамоянд. Дар ноҳия филиалҳои ҶС «Агроинвестбонк», ҶС «Ориёнбонк», Бонки давлатии амонатгузорӣ «Амонатбонк», ҶСНП «Тоҷпромбонк», «Тоҷиксодиротбонк» фаъолият доранд. Дар баробари ин, ФХҚ «Рушди Зарафшон» низ ба амалиётҳои бонкӣ машғул мебошад.

Фаъолияти бонкҳои ноҳия ба талаботи дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2010 мутобиқ гардонида шуда, баҳри амалӣ намудани Стратегияи миёнамӯҳлати рушди низоми бонкии Тоҷикистон равона карда шудааст.

***Диаграммаи №11. Ҳаҷми хизматрасонии бонкӣ дар солҳои 2008-2010 (ҳаз.сомонӣ)***




Бояд қайд кард, ки аз сабаби баланд будани фоизи қарзи бонкҳо ва кӯтоҳ будани мӯҳлати баргардонии онҳо дар соли 2010 ҳаҷми қарзи гирифтаи соҳибкорон аз бонкҳо нисбати ташкилотҳои хурди қарздиҳи коҳиш ёфтааст.

***Ҷадвали №20. Қарздиҳи ба субъектҳои соҳибкорӣ дар соли 2010(ҳаз.сомонӣ)***

| *Соҳаҳо* | *Бонкҳо* | *Ташкилоти қарздиҳии хурд* | |
|---|---|---|---|
| | | *Маблағ* | *Қарзи ба занҳо додашуда* |
| *Кишоварзӣ* | *404,1* | *2806,4* | *982,2* |
| *Сохмон* | *335,1* | - | - |
| *Нақлиёт* | *52,0* | - | - |
| *Хизматрасонӣ* | *518,0* | *252,0* | *100,8* |
| *Дигар соҳаҳо* | *711,2* | *600,7* | *180,2* |
| *Ҳамагӣ:* | *2020,4* | *3659,1* | *1263,2* |

Мушкилоти дигаре, ки монеаи рушди соҳибкорӣ мегардад, ин набудани дастгирии машваратӣ оид ба ташкил ва амалӣ намудани фаъолияти самараноки соҳибкорӣ мебошад.

Барои рушди соҳибкорӣ иқдоми зеринро амалӣ намудан лозим аст: додани қарзҳои хурд барои инкишоф аз ҳисоби фонди қарздиҳии хурди «Рушди води Зарафшон» бо фоизҳо паст, муҳайё намудани шароит ҷиҳати ҳавасмандгардонии барои додани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон, ҷалби сармоягузорони эҳтимолӣ барои ворид намудани технологияи замонавӣ, ташкили сохтори дастгирии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ташкили шароити созгори инвеститсионӣ барои таъсиси корхонаҳои муштарак.

***Сохтмон***. Дар ноҳияи Айнӣ 8 ташкилоти сохтмони бо шумораи умумии 79 нафар корманд фаъолият мекунад. Миқдори умумии техникаи мавҷуда 24 ададро ташкил медиҳад. Дар ноҳия фаъолияти соҳаи сохтмон барои бунёди иншоотҳои соҳаи маориф, тиб, таъмиру барқарорсозии купрукҳо, иншоотҳои маданӣ – маишӣ ва соҳибкорӣ, гузаронидани хати оби нушокӣ ва полезӣ, тармими иншоотҳои мавҷудаи ноҳия нигаронида шудааст.

***Ҷадвали №21. Иҷрои корҳои пудратӣ дар ташкилотҳои сохтмонии ноҳия дар соли 2010 (сомонӣ)***

| *№* | *Номгӯи корхона* | *ҳаҷми корҳои пудратӣ дар соли 2009* | *ҳаҷми корҳои пудрати дар соли 2010* | *Фарқ (+; -)* | *фоиз* |
|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *ҶСК «Фалгар» (МСУ-18)* | *75670* | *196250* | *-120580* | *38,6* |
| *2* | *ПМК-100* | *-* | *15504* | *-15504* | *-* |
| *3* | *МПМК* | *700099* | *845785* | *-145686* | *82,8* |
| *4* | *ҶДММ «Сарвода»* | *187000* | *246112* | *-59112* | *76,0* |
| *5* | *ҶММ «Фалгар»* | *136716* | *221151* | *-84435* | *61,8* |
| *6* | *ҶММ «Шоҳдам»* | *65000* | *50000* | *15000* | *130,0* |
| *7* | *Идораи «Хочагии об»* | *64600* | *106900* | *-42300* | *60,4* |
| *8* | *ҶММ «Рунич»* | *53000* | *-* | *53000* | *-* |
| *9* | *ҶММ «МИФ» (ш. Душанбе)* | *310210* | *-* | *310210* | *-* |
| | *ҲАМАГӢ:* | *1592295* | *1681702* | *-89407* | *94,7* |

Мушкилоти ташкилотҳои сохтмонӣ ин нарасидани технологияи муосири сохтмонӣ ва мутахассисони сохтмончӣ ба монанди кафшергар, хиштчин кафшергари газ ва васлгар мебошад. Гарчанде ОКТ № 53-и ноҳия ҷиҳати тайёр намудани мутахассисон кӯмак расонад ҳам, вале ин ба талаботи имрӯза ҷавоб дода наметавонад.

Дигар мушкилот дар ин самт набудани бозори масолеҳи сохтмонӣ дар ноҳия мебошад ва масолеҳи сохтмони аз дигар минтақаҳо кашонида мешавад, ки арзиши онро дучанд мегардонад. Аз ин лиҳоз дар миқёси ноҳия сол то сол шумораи иншооти сохтмонаш нотамом ва таъмирталаб зиёд мегардад.

Мушкилоти дигари соҳаи сохтмони ноҳия ин набудани шӯъбаи сохтмон дар сохтори мақомоти иҷроия маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия мебошад, ки боиси аз маблағгузории муттамарказ, аз ҳисоби буҷети давлатӣ дур мондани ноҳия мегардад.

Ҳамчунин ба сабаби дар сатҳи зарури набудани малакаи мутахассисони соҳаи сохтмон ҷиҳати омода намудани ҳуҷҷатҳо дар озмунҳои (тендерҳо) барои бунёди иншоотҳо дар дохил ва хориҷи ноҳия иштирок карда наметавонанд. Ҷиҳати рушди соҳаи сохтмон андешидани чораҳои зерин, аз қабили ташкили ассотсиатсияҳои сохтмончиёни ноҳия, дар заминаи омузишгоҳи касби-техникии №53 ташкили курсҳои кутоҳмудати таълими оид ба соҳаи сохтмон, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷиҳозонидани ташкилотҳои сохтмонӣ бо техникаи ҳозиразамон ва мусоидат намудан оид ба тайёр кардани мутахассисони сохтмон дар донишгоҳҳои олӣ, миёнаи махсус мувофиқи мақсад мебошад.

***Ҷадвали 22. Дурнамои рушди соҳибкории хурду миёна дар солҳои 2011-2015***

| *Нишондиҳандаҳо* | *2011 ҳисобот* | *2012 баҳо* | *Дурнамо* | | | *2015 нисбати 2011,%* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *2013* | *2014* | *2015* | |
| *Шумораи муассисаҳои дорои то 15 ҷои корӣ (ғайр аз хоҷагиҳои деҳқонӣ)* | *26* | *28* | *30* | *35* | *38* | *146* |
| *Шумораи муассисаҳои дорои то 50 ҷои кор (ғайр аз хоҷ. деҳқонӣ)* | *9* | *13* | *16* | *19* | *22* | *224* |
| *Шумораи муассисаҳои амалкунандаи дорои то 15 ҷои корӣ* | *26* | *28* | *30* | *35* | *38* | *246* |
| *Шумораи муассисаҳои дорои то 50 ҷои кор* | *9* | *13* | *16* | *19* | *22* | *244* |
| *Шумораи машғулбудагон* | *35* | *41* | *46* | *51* | *55* | *157* |
| *Даромад аз фурӯш (ҳазор сомонӣ)* | *4174,9* | *4467,1* | *4779,8* | *5114,4* | *5472,4* | *131* |
| *Шумораи сохибкорони инфиродӣ* | *508* | *586* | *604* | *603* | *611* | *120* |
| *Аз ҷумла: фаъолият бо шаҳодатнома* | *85* | *88* | *91* | *94* | *96* | *113* |
| *фаъолият бо патент* | *422* | *498* | *503* | *509* | *515* | *121* |

***Туризм.*** Ноҳия Айни минтақаи аз нигоҳи экологӣ тоза буда, барои сайёҳон дастрас аст. Ҷойгиршавии мусоиди ҷуғрофӣ, обу ҳавои тоза ва манбаъҳои обҳои шифобахш барои рушди туризми экологӣ мусоидат менамоянд. Ба ҷуз захираҳои табиӣ дар ҳудуди ноҳия ёдгориҳо ва мавзеъҳои арзишманди таърихӣ мавҷуд ҳастанд, ки водиҳои Яғноб Искандаркӯл, кули Аловуддин, қалъаҳои Муғу Сарвода, оромгоҳи Хоҷа Исҳоқ, Муҳаммад Шамси Табрезӣ, Шайх Абулқосими Гургонӣ, Хоҷа Аловуддини балогардон, Хоҷаи Муродбахш ва ғайра аз ин қабиланд.

(***Замимаи №1***)

Рушди туризм метавонад барои паст кардани сатҳи бекорӣ, беҳдошти саломатӣ, ғанигардонидани буҷет мусоидат намояд. Ҳоло бошад туризм соҳаи дар оғози инкишоф буда, ба дастгирӣ ниёз дорад.

***Ҷадвали 23. Дурнамои рушди туризм барои солҳои 2011-2015***

| *Нишондиҳандаҳо* | *2011 ҳисобот* | *2012 баҳо* | *Дурнамо* | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *2013* | *2013* | *2014* | *2015* | *2015 нисбати 2011%* |
| *Шумораи сайёҳон (ҳазор нафар)* | *98* | *126* | *154* | *122* | *164* | *173* | *176* |
| *Даромади умумӣ аз хидматрасонӣ ба туризми дохилӣ (млн. сом)* | *5,8* | *7,6* | *9,2* | *121* | *9,8* | *10,4* | *179* |
| *Туризми хориҷӣ* | | | | | | | |
| *Шумораи сайёҳон* | *400* | *450* | *480* | *106* | *510* | *535* | *133* |
| *Аз ҷумла шумораи сайёҳоне, ки аз ноҳия мегузаранд (ҳазор нафар)* | *400* | *450* | *480* | *106* | *510* | *535* | *133* |
| *Даромади умумӣ аз хизмат ба туризми хориҷӣ (млн. сом)* | *48,0* | *54,0* | *57,6* | *106* | *61,2* | *64,2* | *133,7* |

***Мушкилоти соҳаи туризм аз инҳо иборатанд:*** Ба талабот ҷавобгӯ набудани ҳолати санитарии ошхонаҳо, ҳаммомҳо, ҳоҷатхонаҳои мавзеъҳои боздиди сайёҳон. Набудани шароити созгори хизматрасонӣ ба сайёҳон дар Искандаркӯл, ҳолати бади роҳҳо. Ҳолати бади инфрасохтори ноҳия, набудани лавҳаҳои рекламавӣ ба забонҳои давлатӣ ва хориҷӣ. Набудани намояндагии ширкатҳои сайёҳӣ дар ноҳия. Нокифоя будани маълумотномаҳо ва адабиёти туристӣ, чун китобҳо, буклетҳо, манзаранигораҳо дар бораи мавзеъҳою ёдгориҳои таърихӣ, шароити қабулу хизматрасонӣ ба сайёҳон. Набудани меҳмонхонаҳои ҳозиразамон, хонаҳои истироҳатӣ дар хатсайрҳои кӯҳӣ. Набудани фаъолияти тарғиботӣ. Таҳия ва тасдиқ намудани хатсайри сайёҳии Кӯли Аловуддин-Искандаркӯл - водии Яғноб.

### 2.1.4. Стратегия ва вазифаҳои бахши иқтисод Кишоварзӣ

| Мақсад | Вазифа | Фаъолият /барнома | Арзиши умумӣ (ҳаз. сом) | солҳо | | | | | Масъулин | Манбаи маблаггузорӣ (ҳаз. сом) | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| Баланд бардоштани иқтидори рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ | Зиёд намудани майдони заминҳои обӣ бо усули истифодаи босамари замин | Обёри ва корҳои мелиоративӣ дар мавзеи Хаштаробут -46,2 га х/д «Хаштаробут ҷ/д Урметан | 799,7 | 159,94 | 159,94 | 159,94 | 159,94 | 159,94 | Гурӯҳи ҷамъиятии «Мироб» | 192,0 (дохилӣ) | 20 % зиёд шудани истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ то соли 2016<br>165 га зиёд шудани масоҳати заминҳои обӣ то соли 2016<br>Баланд шудани ҳосилнокии гандум-23с\га, картошка – 250с\га сабзавот-300 с/га то соли 2016.<br>То соли 2016 ба 126 га зиёд шудани майдони боғ<br>Шумораи хоҷагиҳои тухмипарвар (3 адад то соли 2016)<br>Шумораи корхонаҳои нави коркарди маҳсулот (4 адад то соли 2016)<br>Ба 25 млн.сомонӣ расонидани шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорво то соли 2016<br>То соли 2016 ба 200 ҳазор сар расонидани саршумори чорво |
| | | Обёрии заиминҳои мавзеи «Лалми Ғафур»-8 га ҷ/д Урметан | 240 | 48 | 48 | 48 | 48 | 48 | Норов Қ. Н. | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Обёрии заминҳои дашти Ишкамба, ҷ/д Айнӣ(95га) | 3900 | 780 | 780 | 780 | 780 | 780 | Хоҷагии об | | |
| | | Аз худ кардани 2га замин дар деҳаи Хайробод ҷ/д Дар-дар | 75 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | Ҷонмаҳмадов М | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Обёрии заминҳои мавзеи Испена – 160 га, д. Ревад ҷ/д Урметан | 4500 | 900 | 900 | 900 | 900 | 900 | х/д «Искобод» | номуайян | |
| | | Обёрии заминҳои мавзеи «Утикаш» 45га. ҷ/д Айнӣ | 413,5 | 82,7 | 82,7 | 82,7 | 82,7 | 82,7 | ММА Комрон | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Бунёди 10 га боғ дар д. Рарз, ҷ/д Рарз | 194 | 38,8 | 38,8 | 38,8 | 38,8 | 38,8 | х/д Азизмо Авазова | номуайян | |
| | | Бунёди боғҳои нав ва обёрии заминҳо дар мавзеи Биёбон, д. Шурмашк, ҷ/д Фондарё | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | х/д Карома-тулло | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Барқарор ва идома додани бунёди канали Вота- Ёвон ҷ/д Урметан | 455 | 91 | 91 | 91 | 91 | 91 | х/д «Вота - Ёвон» | Сармояи хориҷи | |
| | | Обёрии заминҳои мавзеи «Амсо» д. Мадм, «Устообид», «Дашти Айнӣ», д Урметан-150га | 4500 | 900 | 900 | 900 | 900 | 900 | х/д «Мадм» х/д «Урме-тан» | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Обёрии заминҳои мавзеи «Шафат»-40 га ҷ/д Рарз | 420 | 84 | 84 | 84 | 84 | 84 | х/д «Рарз» | номуайян | |
| | | Тармими хати оби «Боғпарвар» ҷ/д Рарз | 1600 | 320 | 320 | 320 | 320 | 320 | Хоч. Давл. «Боғпарвар» | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Таъмири канали Дашти Ҳаштсар | 148 | 29,6 | 29,6 | 29,6 | 29,6 | 29,6 | х/д «Сомони-ён» | 80 дохилӣ | |
| | | Азхуднамоӣ ва обёрии заминҳои нав дар ҷ/д Фондарё | 157 | 31,4 | 31,4 | 31,4 | 31,4 | 31,4 | ҷ/д Фондарё | 40 дохилӣ | |
| | | Беҳдошти ҳолати мелиоративии заминҳои мавзеи «Дашти Похут» д. Похут, ҷ/д Рарз | 1360 | 272 | 272 | 272 | 272 | 272 | х/д К. Кари-мов | номуайян | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Барқарор намудани хатҳои обёрии заминҳои маркази ноҳия (1,2 км) | 1300 | 260 | 260 | 260 | 260 | 260 | Хоҷагии об | номуайян | То соли 2016 ба 22 тонна расонидани истеҳсоли асал |
| | | Ташкили машваратҳо оид ба маданияти истифодаи босамари замин | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Идораи кишоварзи | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Обёрии заминҳои д. Кумарг ва Сангистон | 148 | 29,6 | 29,6 | 29,6 | 29,6 | 29,6 | | БРСММ | |
| | | Мусоидат барои гирифтани қарзи дарозмуддат ҷиҳати харидории техникаи кишоварзӣ | 20 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | Идораи кишоварзӣ | номуайян | |
| | | Бунёди боғ дар домонакуҳҳои ҷ/д Рарз | 1148 | 229,6 | 229,6 | 229,6 | 229,6 | 229,6 | х/д «Азизмоҳ» | номуайян | |
| | | Бунёди гармхона ва парвариши сабзавот дар ҷ/д Рарз | 82 | 16,4 | 16,4 | 16,4 | 16,4 | 16,4 | х/д «Азизмоҳ» | номуайян | |
| | | Истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ | 114 | 22,8 | 22,8 | 22,8 | 22,8 | 22,8 | х/д «Ҷовид» | номуайян | |
| | | Ташкили хоҷагиҳои тухмпарварии маҳаллӣ | 100 | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 | Идораи кишоварзӣ | номуайян | |
| | | Додани қарзҳои имтиёзнок аз ҷониби «Маркази шуғл» | - | - | - | - | - | - | Маркази шуғл | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Ташкили машварат оид ба омода намудани нурии органики ва компост | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | Идораи кишоварзӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | Беҳтар кардани шароити рушди соҳаи чорводорӣ ва занбӯрпарварӣ | Бунёд ва барқарорсозии маҷмааҳои зимистонгузаронии чорво дар ҷ/д Урметан, Айнӣ, Анзоб, Фондарё, Шамтуч, Рарз | 200 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | х/д «Урметан» «Сомониён» «Аслиддинов» | номуайян | |
| | | Ташкили нуқтаи байторӣ (доруxонаи байторӣ) дар ҷамоатҳои деҳот | 150 | 30 | 30 | 30 | 30 | 30 | Идораи байторӣ | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Таъмири ҷории фермаҳои чорводорӣ ва сехи коркарди маҳсулот | 263 | 52,6 | 52,6 | 52,6 | 52,6 | 52,6 | х/д «Ориён» | номуайян | |
| | | Амалӣ намудани лоиҳаи рушди зотпарварӣ дар х/д «Сулаймон», д. Анзоб ҷ/д Анзоб | 768 | 153,6 | 153,6 | 153,6 | 153,6 | 153,6 | х/д Сулаймон | 100 сармояи дохилӣ | |
| | | Ташкили фермаи чорвофарбеҳкунӣ дар д. Урметан, ҷ /д Урметан | 60 | 12 | 12 | 12 | 12 | 12 | Пиримов А. | Сармояи хориҷӣ | |
| | | Зиёд намудани майдони кишти эспарсет барои рушди соҳаи замбурпарварӣ | 200 | 60 | 70 | 35 | 35 | | Қаландаров И | 20 дохилӣ | |
| | | Зиёд намудани оилаи занбӯри асал дар Ассосиатсияи занбӯрпарварони «Шоҳрух» | 50 | 25 | 25 | | | | Ассосиатсияи «Шоҳрух» | номуайян | |
| | | Рушди занбӯрпарварӣ дар ҷ/д Рарз | 96 | 19,2 | 19,2 | 19,2 | 19,2 | 19,2 | ҷ/д Рарз | 12 дохилӣ | |
| Ҷамъ | | Лоиҳаҳо - 33 | 23531,2 | 4741,2 | 4751,6 | 4691,2 | 4691,2 | 4656,2 | | 749 дохилӣ | |

## *Саноат*

| Мақсад | Вазифа | Чорабинӣ /Лоиҳаҳо | Арзиш (ҳ/сом.) | Солҳо | | | | | Масъул | Манбаи маблаггузори (ҳаз. сомонӣ) | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| Мусоидат ба рушди иқдорҳои саноатии ноҳия | Баланд бардоштани сатҳи таҷҳизонидани техникии корхонаҳои саноатии амалкунанда | Бо технологияи ҳозиразамон ҷиҳозонидани км «Анзоб» | 1000 | 200 | 200 | 200 | 200 | 200 | КМ «Анзоб» | 1000 дохилӣ | То соли 2016 60% зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоти саноатии ноҳия |
| | | Бо технологияи ҳозиразамон ҷиҳозонидани кони ангишти «Фон –Ягноб» | 1000 | 200 | 200 | 200 | 200 | 200 | Кони ангишти «Фон Ягноб» | 1000 дохилӣ | |
| | | Ташкили фабрикаи истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар заминаи КМ Анзоб(АМКО5) | 10653 | 2130,6 | 2130,6 | 2130,6 | 2130,6 | 2130,6 | КМ «Анзоб» | 10000 дохили | То соли 2016 ба 20,000т. расонидани истеҳсоли сурма |
| | | Ташкили сехи коркарди пашм ва пӯст дар х/д «Б. Ғафуров» ҷ/д Урметан | 100 | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 | х/д Б. Ғафуров | Номуайян | То соли 2016 то 55 000т. расонидани истихроҷи ангишт |
| | | Барқарор инамудани сехҳои консерва дар ҷ/д Урметан ва Шамтуч | 1500 | 300 | 300 | 300 | 300 | 300 | х/д Шамтуч, Урметан | Номуайян | |
| | Бунёди иқтидорҳои нав аз ҳисоби истифодаи самараноки ашёи маҳаллӣ | Ташкили фермаи парранда дар мавзеи Дуоба, д. Ремон ҷ/д Фондарё | 111 | 56 | 55 | | | | Акбаров М | 18 дохилӣ | То 30% коркард намудани ашёи хоми маҳаллӣ то соли 2016 |
| | | Ташкили моҳипарварӣ, занбӯрпарварӣ ва ташкили туризм дар мавзеъи «Кӯли Морон», ҷ/д Фондарё | 93,1 | 46,5 | 46,5 | | | | Сангинов А | Номуайян | Ташкили ҷойҳои нави корӣ (то соли 2016 100 ҷой) |
| | | Дастрас намудани таҷҳизоти ҳозиразамони чопи барои матбааи ноҳия | 300 | 60 | 60 | 60 | 60 | 60 | Роҳбарияти матбаа | 25 дохилӣ | Шумораи корхонаҳои нави саноатӣ сохташуда (то соли 2016 - 4 адад) |
| | | Ташкили сехи истеҳсоли хишт дар д. Урметан | 47 | 9,4 | 9,4 | 9,4 | 9,4 | 9,4 | Бобоҷонов У | Номуайян | |
| Ҷамъ | | 9 лоиҳа | 14804,1 | 3022,5 | 3021,5 | 2920 | 2920 | 2920 | | 12018 дохилӣ | |

## Стратегия ва вазифаҳои соҳибкории хурду миёна

| Мақсад | Вазифа | Фаъолият /лоиҳаҳо | Арзиши умумии (ҳаз. с.) | солҳо | | | | | Масъул | Манбаи маблаггузорӣ (ҳаз. сом.) | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| Таъмини шароит барои рушди соҳибкорӣ | Беҳдошти фаъолияти ташкилии бахши хусусӣ ва дастраси онҳо ба захираҳо | Ҳавасмандгардонии фаъолияти Ассотсиатсияи соҳибкорони ноҳия | 5 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | Ҳомидов М | Захираҳои дохилӣ | То соли 2016 ба 50 % расонидани саҳми соҳибкории хурд миёна дар ҳаҷми умумии истеҳсолот |
| | | Ташкили машваратҳои омӯзишӣ оид ба тасфири қонунгузории танзими давлатии соҳибкорӣ | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Асотсиатсияи «Соҳибкор» | номуайян | |
| | | Таъмини дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои имтиёзнок | - | - | - | - | - | - | Асотсиат. «Соҳибкор» | | Ба 5 млн. расонидани ҳаҷми қарз барои рушди СХМ то соли 2016 |
| | | Ба роҳ мондани робита бо созмонҳои маҳаллӣ ва байналхалқӣ барои эҳёи ҳунарҳои халқи | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Асотсиат. «Соҳибкор» | номуайян | |
| | | Ташкили сехи истеҳсоли хишти пухта дар деҳаи Урметани ҷамоати Урметан | 100 | 25 | 25 | 25 | 25 | | Пиримов Г.К. | Сармояи хориҷӣ | Ташкили 150 ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ то соли 2016 |
| | | Таъсиси сехи коркарди равгани ангат | 117 | 23,4 | 23,4 | 23,4 | 23,4 | 23,4 | Х/Д «Тоҷикистон» | 25 дохилӣ | |
| | | Дар маркази ноҳия таъсиси корхонаи истеҳсоли мебел | 21,3 | 10,65 | 10,65 | - | - | - | Бекназаров Э | 2,13 дохилӣ | ба 35% зиёд намудани воридоти андоз аз ҳисоби сохторҳои СХМ то соли 2016 . |
| | | Таъсиси сехҳои бастабандии маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ва коркарди маҳсулоти гушту шир | 100 | 20 | 20 | 20 | 20 | 20 | Олимова С | 20 дохилӣ | Шумораи фарогири соҳибкорон ба омӯзишҳо (30% то соли 2016) |
| Мусоидат ба рушди иқтидори санoати ноҳия | Ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсоли бо роҳи истифодаи босамари ашёи маҳаллӣ | Ташкили семинар машваратҳо оиди тарзи тайёр ва пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмӯнҳо (тендерҳо) | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Ассотсиасияи» Соҳибкор» | соҳибкорҳо | |
| | | Бунёди «Маркази Бизнес» дар маркази ноҳия | 470 | 94 | 94 | 94 | 94 | 94 | Олимов У | 329 дохилӣ | То соли 2016 ба роҳ мондани коркарди 30% ашёи хоми маҳалӣ |
| | | Сохтмони ҳамом дар маркази ноҳия | 140 | 28 | 28 | 28 | 28 | 28 | Бобоев Б | 14 дохилӣ | |
| | | Сохтмони ҳамом (сауна) дар мавзеи Айнӣ-1 | 104 | 20,8 | 20,8 | 20,8 | 20,8 | 20,8 | Лутфова С | 10 дохилӣ | Шумораи корхонаҳои нави сохташуда (то соли 2016 ба 5 адад) |
| | | Сохтмони маҷмааи савдо интернет-кафе, бар ва толори тӯй дар д. Урметан | 400 | 80 | 80 | 80 | 80 | 80 | Шарифов Ш | 60 дохилӣ | |
| | | Сохтмони меҳмонхона | 470 | 94 | 94 | 94 | 94 | 94 | Расулов Б | 94 дохилӣ | |
| | | Сохтмони маркази савдои яклухти масолеҳи сохтмон дар д. Урметан | 137 | 27,4 | 27,4 | 27,4 | 27,4 | 27,4 | Тӯйгунов Ф | 28 дохилӣ | |
| Ҷамъ | | 15 лоиҳа | 2094,3 | 430,25 | 430,25 | 419,6 | 419,6 | 394,6 | | 582 дохилӣ | |

# 3. СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ

## 3.1. Тандурустӣ

Дар айни замон мутобиқи принсипҳои умумиқабулгардидаи СМР/СПКСК мақсади асосии соҳаи тандурустӣ дар давраи миёнамӯҳлат аз мунтазам паст кардани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои бо ваксина идорашаванда иборат мебошад.

***Саломатии модару кӯдак.*** Мутобиқи маълумоти оморӣ дар ноҳияи Айнӣ ба 1.01.11 шумораи умумии занҳои қобили таваллуд 18,8 ҳаз. нафарро ташкил медиҳад. Соли 2010 дар ноҳия 2 ҳодисаи фавти модар ба қайд гирифта шудааст. Сабаби асосии фавти модарон дар хона таваллуд кардани онҳо ва аз бехабарии занон аз оқибати чунин амал шаҳодат медиҳад. Аксари занҳои қобили таваллуд дар давраи ҳомиладорӣ аз маслиҳатҳои духтурон бархурдор нестанд ва мӯҳлати байни таваллудкуниро риоя намекунанд.

***Ҷадвали №24. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона дар солҳои 2008-2010***

| *Нишондиҳандаҳо* | *2008* | *2009* | *2010* |
|---|---|---|---|
| *Ҳамагӣ таваллуд* | *1587* | *1994* | *2318* |
| *Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ* | *1297* | *1694* | *2000* |
| *Бо фоиз* | *81,0* | *84,9* | *86,2* |
| *Таваллуд дар хона* | *284* | *300* | *318* |
| *Бо фоиз* | *17,8* | *15,0* | *13,7* |
| *Фавти модар (ба ҳар 1000 зани қобили таваллуд* | *-* | *1* | *2* |
| *Фавти кӯтакони* | *17* | *52* | *73* |

Мутобиқи маълумоти мутахассисони соҳаи тандурустии ноҳия фавти модарон ҳангоми таваллуд дар хона руй додааст, ки ин бархурдор набудани онҳо аз натиҷаи таваллуд дар хона огоҳӣ медиҳад.

Аз ин лиҳоз, барои паст кардани шумораи таваллуд ва таваллуд дар хона зарур аст, ки фаъолияти марказҳои солимии репродуктивӣ тақвият бахшида, ҳамкории коркунони тиб бо кумитаи занҳои маҳаллаҳо ҷоннок карда шавад.

Дар ноҳия ҳанӯз нишондодҳои камхунӣ ва норасоии йод дар занҳои қобили таваллуд зиёд аст.

***Ҷадвали №25. Норасогии йёд дар организми занҳо дар солҳои 2008-2010***

| *Нишондиҳандаҳо* | *2008* | *2009* | *2010* |
|---|---|---|---|
| *Шумораи занҳои тавалудкарда* | *19357* | *19845* | *18506* |
| *Анемия (камхуни)* | *7937* | *8743* | *6842* |
| *Бо фоиз* | *10,1* | *11,2* | *8,7* |
| *Маризии норасогии йод* | *4433* | *5602* | *4458* |
| *Бо фоиз* | *6,8* | *5,5* | *6,8* |

Сабаби асосии зиёд шудани нишондоди фавти кӯдак гузаронидани чорабиниҳои саривақти оид ба эмкунии кудакон то синни яксолагӣ ҷиҳати пешгирии бемориҳои дарунравӣ, ОРВИ ва дигар бемориҳо аст. Инчунин нигоҳ доштани фосилаи таваллуди кӯдакон, яке аз ин сабабҳо мебошад.

***Ҷадвали 26. Тамоили фавти кӯдакон ва навзодон то 5 сола***

| *Нишондиҳанда* | *2008* | *2009* | *2010* |
|---|---|---|---|
| *Фавти кӯдакони 1-5 сола ба ҳар 1000 зинда таваллудшуда* | *6* | *7* | *9* |
| *Бо фоиз* | *3,1* | *3,5* | *3,8* |
| *Фавти навзодони то 1 сола ба ҳар 1000 нафар зинда таваллудшудагон* | *36* | *52* | *73* |
| *Бо фоиз* | *19* | *26,1* | *30,2* |

***Амрози сироятӣ***. Камогоҳии аҳли ҷомеа аз асосҳои тарзи ҳаёти солим ва риоя нашудани онҳо, ногувор шудани вазъи таъминоти моддӣ - техники соҳаи тандурусти омилҳои асосии афзоиши сироятёбӣ мегарданд.

***Ҷадвали №27.Амрози сироятӣ дар солҳои 2008-2010***

| *Бемориҳои сироятӣ* | *2008* | *2009* | *2010* | *с. 2010 нисбати с. 2008 (бо %)* |
|---|---|---|---|---|
| *Сил* | *155* | *96* | *100* | *64,5* |
| *Ба 100 ҳазор аҳолӣ* | *20,3* | *12,9* | *13,5* | *66,5* |
| *Гелминтоз* | *613* | *30* | *35* | *22* |
| *Ба 100 ҳаз. аҳолӣ* | *803,7* | *0,4* | *0,47* | *005* |
| *Ҳамагӣ аҳолӣ:* | *70,8* | *71,7* | *74169* | *4,7* |

Сабабҳои асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ: (а) сари вақт ташхис нагардидани бемориҳо, махсусан дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастрасӣ надоранд; (б) сатҳи пасти огоҳии аҳолӣ оид ба сабабҳои рух додани беморӣ ва муоинаи он; (в) сатҳи баланди хароҷот барои муолиҷа; г) бо оби нӯшокии хушсифат таъмин набудани қисми зиёди аҳолӣ) камбизоатӣ.

***Дигар бемориҳо.*** Бемории дигари паҳншудаи сироятӣ дизентерия маҳсуб мешавад. Сабаби 40 фоиз зиёд ба қайд гирифтани ин беморӣ дар соли охир дастрасӣ надоштан ба оби босифати нӯшокӣ, вазъи ғайриқанноатбахши рифоҳӣ ва безараргардонии партовҳо мебошад. Ҳарчанд дар ноҳия ҳодисаи ВИЧ/СПИД ба қайд гирифта нашудааст, вале ба сабаби муҳоҷирати зиёд эҳтимоли пайдо шудани он мавҷуд аст.

***Сохтори соҳаи тандурустӣ***. Дар ноҳия 55 муассисаи табобати, аз ҷумла 7 беморхонаи минтақавии деҳот, 20 маркази саломатӣ, 27 хонаи саломатӣ ва беморхонаи марказии ноҳиявии Айнӣ, маркази мубориза бо бемории сил, таввалудхона фаъолият менамоянд. Дар беморхонаҳо 410 кат мавҷуд мебошад.

Вазифаи асосии соҳаи тандурустӣ беҳтар намудани шароити дастраси ба системаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС), таъмини устуворӣ беҳдошт ва сифати он мебошад. Аксарияти аҳолӣ дар айни ҳол муассисаҳои тиббии тандурустии аввалияро сарфи назар намуда, барои дарёфти ёрии тиббӣ бевосита ба беморхонаҳо рӯй меоранд. Дар муассисаҳои табобати соли 2010, 82 нафар мутахассисон маълумоти олидор, 264 нафар кормандон бо маълумоти миёнаи тиббӣ, фаъолият мекарданд.

Бо вуҷуди он, ки фоизи хароҷоти бахши тандурустӣ дар солҳои охир зиёд шудааст, маблағҳои ҷудошуда барои фаъолияти устувор ва рушди тандурустӣ нокифоя мебошанд.

***Ҷадвали 28. Сатҳи тахассусии кормандони тиб дар соли 2010***

| *Муасс. табобатӣ* | *ҳамагӣ кормандон* | *бо таҳсилоти миёнаи махсус* | *бо таҳсилоти олӣ* |
|---|---|---|---|
| *Муассисаҳои КАТС* | *411* | *264* | *81* |
| *Бо %* | *-* | *64* | *19,7* |
| *Хизмати госпиталӣ* | *261* | *89* | *31* |
| *Бо %* | *100* | *34* | *11,8* |

Ба санаи 1.01.11 дар муассисаҳои тиббии ноҳия 39 ҷои холӣ мавҷуд буда, духтурони ҷарроҳ, ЛОР, рентген, амрози занона, терапевт, сироятшинос ва дандон намерасанд.

Мушкилоти соҳаи тандурустиро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1. Бад шудани ҳолати таъминоти моддӣ - техникӣ; 2. Сатҳи пасти тахассусии кормандони тиб;сатҳи нокифояи татбиқи ислоҳот дар соҳа. 3. Шӯъбаи ёрии таъҷилӣ ноҳияи Айнӣ ба таҷҳизоти зарурӣ (мизу курсиҳо, катҳои махсусгардонида шуда) нақлиёт (2 адад), сузишворӣ ва воҳидҳои корӣ (ҳамшираҳои тиббӣ, кормандони техникӣ) зарурат дорад.

Баъди пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ таҷҳизотҳои зарурӣ ба монанди катҳо, курпаю болишт, болопушҳо харидори нашудаанд. Инчунин ҳамаи таҷҳизотҳои ташхисии тиббӣ пеш аз ҳама таҷҳизоти рентгенӣ, УЗИ, Бронхоскоп, таҷҳизоти УВЧ, ёрии таъҷилӣ ва таҷҳизоти нафаси сунъи кухнаю коношоям гардида харидори намудан таҷҳизоти нав зарур мебошад.

## 3.2. Маориф

***Сатҳи умумии таҳсилот.*** Дар ноҳия танҳо 0,3 фоизи аҳолӣ ягон хел маълумот надорад, ки 67 (50%) онҳо занонанд.

***Ҷадвали 29. Сатҳи таҳсилоти аҳолӣ аз рӯи ҷинс дар соли 2010***

| *Сатҳи таҳсилот* | *2010* | |
|---|---|---|
| | *Ҳамагӣ* | *Аз онҳо зан* |
| *Олӣ* | *3357* | *991* |
| *Миёнаи махсус* | *23721* | *8777* |
| *Миёна* | *2327* | *1147* |
| *Бемаълумот* | *134* | *67* |

***Таҳсилоти томактабӣ.*** Дар ноҳияи Айнӣ 4 адад муассисаҳои томактаби мавҷуд буда, 2-тои он дар маркази ноҳия ва 2-тои он дар шаҳраки Зарафшон ҷойгир шудааст. Муассисаҳои мазкур 500 ҷой доранд. Дар ноҳия соли 2011 шумораи умумии кӯдакони сини томактабёи 5045 нафарро ташкил медод, ки аз онҳо ҳамагӣ 281 нафар (5,6%) ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта шудаанд.

***Ҷадвали № 30 Иштирок дар муассисаҳои томактабӣ дар тӯли солҳои 2008-2010 (нафар)***

| *№* | *Номгӯи муассисаҳои томактабӣ* | *2008* | | | *2009* | | | *2010* | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *ҳамагӣ* | *Писарон* | *духтарон* | *Ҳамагӣ* | *писарон* | *духтарон* | *Ҳамагӣ* | *писарон* | *Духтарон* |
| *1.* | *Боғчаи №1* | *110* | *43* | *67* | *87* | *41* | *46* | *120* | *64* | *56* |
| *2.* | *Боғчаи №2* | *53* | *21* | *32* | *36* | *21* | *15* | *43* | *28* | *15* |
| *3.* | *Боғчаи №3* | *82* | *43* | *39* | *80* | *39* | *41* | *95* | *29* | *66* |
| *4.* | *Боғчаи №4* | *64* | *32* | *32* | *21* | *13* | *8* | *23* | *16* | *7* |
| *Ҳамагӣ:* | | *309* | *139* | *170* | *224* | *114* | *110* | *281* | *137* | *144* |

Мушкилоти асосии муассисаҳои томактабӣ ба таъмир ва таъминот ниёз доштани онҳост. Аз 4 муассиса 2 то бо барқ, 2 то бо буғ гарм карда мешаванд.

***Таҳсилоти миёна.*** Дар ноҳия 60 мактаби таҳсилоти умумӣ, аз он 47 мактаби таҳсилоти миёна, 16 асосӣ, 3 ибтидоӣ амал мекунанд, ки соли таҳсили 2009 – 2010 шумораи хонандагон 16224 (8014 нафар ё 49,3% духтарҳо) буд.

Сабаби асосии камшавии шумораи хонандагон ба дигар минтақа муҳоҷир шудани аҳолӣ аст. Соли 2010 - 97 оила (207 хонанда) ба ноҳияи Зафаробод кучонида шуданд.

Дар мактабҳои ноҳия дар соли хониши 2010 - 2011-ум 1506 нафар омӯзгорон машғули таълим буданд, ки аз ин шумора 354 нафарро занҳо ё (22,6%) мебошанд. Аз ин шумора 73 фоизашон омӯзгорони дорои таҳсилоти олӣ мебошанд.

### *Ҷадвали №31: Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонаи ноҳия дар солҳои 2007-2010*

| *Соли таҳсил* | *2007-2008* | | | | *2008-2009* | | | | *2009-2010* | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Синфҳо* | *Ҳамагӣ* | *Писар* | *духтар* | *% духтар* | *Ҳамагӣ* | *Писар* | *Духтар* | *% духтар* | *Ҳамагӣ* | *Писар* | *Духтар* | *% духтар* |
| *синфҳои 1-4* | *6167* | *3136* | *3031* | *49,1* | *6479* | *3284* | *3195* | *49,3* | *6464* | *3284* | *3180* | *49,2* |
| | | | | | | | | | | | | |
| *синфҳои 5-9* | *7400* | *3767* | *3633* | *49,1* | *7348* | *3734* | *3614* | *49,2* | *7310* | *3709* | *3601* | *49,2* |
| | | | | | | | | | | | | |
| *синфҳои 10-11* | *2874* | *1428* | *1446* | *50,0* | *2624* | *1359* | *1265* | *48,2* | *2470* | *1237* | *1233* | *49,9* |
| | | | | | | | | | | | | |
| *Ҳамагӣ:* | *16441* | *8331* | *8110* | *49,3* | *16451* | *8377* | *8074* | *49,0* | *16244* | *8230* | *8014* | *49,3* |

### *Ҷадвали №32. Шумораи умумии муаллимон дар солҳои 2008-2010 (нафар)*

| | *2008-2009* | *2009-2010* | *2010-2011* |
|---|---|---|---|
| *Шумораи умумӣ* | *1409* | *1525* | *1506* |
| *аз ҷумла занҳо* | *319* | *362* | *344* |
| *маълумоти олӣ* | *1084* | *1122* | *1119* |
| *аз ҷумла занҳо* | *184* | *183* | *151* |
| *олии нопурра* | *98* | *96* | *97* |
| *аз ҷумла занҳо* | *27* | *23* | *26* |
| *миёнаи махсус* | *227* | *302* | *285* |
| *аз ҷумла занҳо* | *108* | *154* | *54* |
| *маълумоти миёна* | *-* | *5* | *5* |
| *аз ҷумла занҳо* | *-* | *2* | *2* |
| *Норасоии муаллимон* | *56* | *59* | *43* |

Дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонаи ноҳия омӯзгорони маълумоти олидор - аз фанҳои забон ва адабиёт, англисӣ, химия, забони русӣ, физика, математика, биология, технологияи информатсионӣ намерасанд. Нарасидани кадрҳои омӯзгории маълумоти олидор дар мактабҳои №35-деҳаи Марзич, №22-и деҳаи Анзоб, №28-и деҳаи Махшевад, мактабҳои асосии Пете, Кумарғ ба назар мерасад. Соли таҳсили 2010 - 2011 48 нафар омӯзгорон намерасиданд. Мушкилоти дигар ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доштани мактабҳо (11,1%) дар ҳолати садамавӣ қарор доштанӣ 6 мактаб аст.

Мутобиқи барномаи компютеркунонии мактабҳо дар 63 мактаб синфҳои компютерӣ, 421 адад компютер, 84 адад принтер, 22 адад генератор мавҷуд аст, ки барои таълими хонандагон нокифоя мебошад. Барои амалӣ намудани барномаи компютеркунонӣ 192 адад компютер намерасад. (Ба ҳар 20 хонанда 1 кампютер) Айни замон мактабҳои ноҳия ба шабакаи интернет пайваст нашудаанд.

***Таълими миёнаи махсус.*** Дар ноҳияи омӯзишгоҳи касбӣ –техникии № 53 дар шаҳраки Зарафшон- 2 мавҷуд аст

Дар соли хониши 2010-2011 237 нафар (66 нафар духтарон) донишҷӯён дар омӯзишгоҳ ба таҳсил фаро гирифтанд. Ба онҳо 23 нафар омӯзгорон, аз ҷумла 3 нафар занҳо (13%), 6 нафар устоҳои касбӣ таълим медиҳанд, ки аз он 18 нафар дорои маълумоти олӣ, 5 нафар дорои маълумоти миёнаи касбӣ мебошанд. Дар омӯзишгоҳ 14 гурӯҳ аз рӯи ихтисосҳои ронандаи автомобили катигория «С», хазинадор-ҳисобчӣ, баркчӣ, челонгар, дӯзанда, ронандаи трактор таълим мегиранд.

Бинои омӯзишгоҳ 40 сол қабл сохта шуда ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ дорад. Системаи гармидиҳиаш фарсуда шуда корношоям мебошад. Дар фасли зимистон як қисм синфхонаҳо бо печҳои электрикӣ гарм карда мешаванд. Дар омӯзишгоҳ ҳаммом вуҷуд надорад. Инчунин базаи моддӣ-техникӣ коста гардида, ҳисобкунакҳо, хатҳои барқӣ аз истифода баромадаанд.

Аз 4 адад техникаҳои мавҷуда 1 адад автомашинаи «Нива 2121» ва 1 адад тамғаи «ГАЗ-53» дар ҳолати корӣ мебошад.

***Ҷадвали № 33. Шумораи умумии хатмкунандагони ОКТ-53 (нафар)***

| *Нишондиҳандаҳо* | *2008-2009* | *2009-2010* |
|---|---|---|
| *Шумораи умуми толибилмон* | *238* | *216* |
| *аз ҷумла духтарон* | *108* | *86* |

Теъдоди китобҳои дарсӣ барои таълим нокифоя ва воситаҳои таълимӣ намерасад, ки сабаби сол то сол кам шудани шумораи донишҷӯён гардидааст. Дар ноҳия мактабҳои олӣ вуҷуд надоранд. Мушкилоти асоси мактаби варзиш норасоии таҷҳизоту асбобҳои варзишӣ, аз кор баромадани системаи гармидиҳӣ ва маблағгузории нокифоя барои ташкили чорабиниҳои варзишӣ аст.

***Дурнамо.*** Аз рӯи дурнамо шумораи аҳолии ноҳия соли 2015 нисбати соли 2011-ум 4,4 ҳазор нафар меафзояд. Дар доираи БРН то соли 2015 ташкили 3384 ҷои нишаст дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ пешбинӣ шудааст.

***Ҷадвали 34. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоӣ иқтисодии соҳаи маорифи ноҳия дар солҳои 2011-2015***

| *Нишондиҳанда* | *2011 ҳисобот* | *2012 баҳо* | *Дурнамо* | | | *2015 нисбати 2011(%)* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *2013* | *2014* | *2015* | |
| *Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои то мактабӣ (нафар)* | *233* | *250* | *260* | *270* | *280* | *120,1* |
| *Шумораи кӯдакони сини томактабӣ* | *212* | *223* | *230* | *236* | *243* | *114,6* |
| *Шумораи кӯдакони сини мактабӣ* | *21* | *27* | *30* | *34* | *37* | *176* |
| *Миқдори ҷой дар муас. томактаби (зан)* | *500* | *500* | *50* | *510* | *510* | *102* |
| *Шумораи талабагон дар МТУ ҳамагӣ (нафар)* | *16449* | *16600* | *16660* | *16680* | *16690* | *101,4* |
| *Аз онҳо дар мактабҳои рӯзона* | *16449* | *16600* | *16660* | *16680* | *16690* | *101,4* |
| *Шумораи хонандагон дар басти якуми МТУ-и рӯзона (наф)* | *4489* | *4500* | *4580* | *4640* | *4680* | *104,2* |
| *Шумораи омӯзгорон дар МТУ (нафар)* | *1560* | *1562* | *1564* | *1564* | *1565* | *100,3* |
| *Шумораи МТУ ба 1000 талаба (ҷой)* | *16, 2* | *16,4* | *16,6* | *16,7* | *16,8* | *103,7* |

### 3.3. Ҳифзи иҷтимоӣ

***Шугл.*** Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар соли 2010 нисбати соли 2009 ҳамагӣ 1,7 % афзуда, шумораи бекорон мувофиқи маълумоти расмӣ 14,4% зиёд шудааст.

***Ҷадвали №35. Шумораи бекорӣ дар ноҳия (нафар)***

| *Нишондиҳандаҳо* | *солҳо* | | |
|---|---|---|---|
| | *2008* | *2009* | *2010* |
| *Аҳолии қобили меҳнат* | *41920* | *42860* | *43600* |
| *Бекорон (расман бақайдгирифташуда)* | *747* | *730* | *835* |

Давоми солҳои 2008-2010 - 824 адад ҷойҳои нави кори доими ташкил карда шуд, ки аз ин 268 барои занон мебошад.

***Музди меҳнат.*** Дар давоми солҳои 2008-2010 афзоиши тамоми даромадҳои пулии аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа нисбат ба соли 2009 мутаносибан 25,5 ва 33,3 фоиз зиёд шудааст.

Ҳарчанд ҳаҷми даромади аҳолӣ сол то сол зиёд шуда бошад ҳам, аммо бо назардошти мунтазам боло рафтани арзиши молу маҳсулоти ниёзи мардум, беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолии ноҳия назаррас нест.

***Диаграммаи №11. Музди миёнаи меҳнат аз рӯи бахшҳо дар с. 2010***




***Таъминоти нафақа.*** Дар Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии ноҳия дар соли 2010 - 7622 нафар нафақахӯрон ба қайд гирифта шудааст, ки маблағи якмоҳаи пардохти нафақаи онҳо 924,0 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми миёнаи нафақа дар ин давра 121,2 сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба соли 2008 (76,73) 44,5 сомонӣ ё 58 фоиз зиёд аст.

***Ҷадвали №36. Шумораи нафақахӯрон дар давоми солҳои 2008-2010 (нафар)***

| *Номи гурӯҳи осебпазир* | *Солҳо* | | |
|---|---|---|---|
| | *2008* | *2009* | *2010* |
| *Нафақахӯрон, ҳамагӣ* | *7602* | *7776* | *7898* |
| *аз ҷумла, пиронсолон* | *5356* | *5456* | *5585* |
| *Маъюбон* | *866* | *897* | *870* |
| *Бесаробонмонда* | *856* | *882* | *853* |
| *Машғули кор* | *278* | *329* | *353* |
| *Кӯдакони маъюб* | *459* | *477* | *517* |

Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии ноҳия 7 нафар корманд дошта, ба 80 нафар пирони барҷомондаю ниёзманд ва 12 нафар шахсони танҳо кӯмак мерасонад. Барои сифатнок ва саривақт фароҳам овардани хизматрасонӣ ба нафақахӯрон, маъюбони гурӯҳҳои гуногун дар Раёсати ҳифзи иҷтимоӣ мутахассисон ва таҷҳизоти корӣ намерасад.

***Муҳоҷирати беруна.*** Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз сарчашмаи асосии даромади аҳолии ноҳия мебошад. Дар соли 2010-ум 4505 нафар (10,3%) аҳолии қобили меҳнатӣ ноҳия дар муҳоҷирати меҳати қарор дошт, ки аз он танҳо 24 нафарашон занҳо (0,5%) мебошанд. Ба ҳисоби миёна муҳоҷирон дар як моҳ 0,9 миллион сомонӣ тавассути банкҳо маблағ ирсол намудаанд. Соли 2010 тавассути бонкҳо муҳоҷирони меҳнатӣ 279,2 млн рубли русӣ ва 2255,1 ҳазор доллари ИМА фиристодаанд.

*Ҷадвали 37. Муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат.*

| Солҳо | Аҳолии қобили меҳнат | Муҳоҷирони меҳнатӣ | % аз қувваи қобили меҳнат |
|---|---|---|---|
| 2008 | 39700 | 4898 | 12,3 |
| 2009 | 41400 | 3413 | 8,2 |
| 2010 | 43600 | 7624 | 17,4 |

***Муҳоҷирати дохилӣ***. Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2009 №530 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолии қобили меҳнати аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2010-2012» 600 оилаҳое, ки дар минтақаи хафноки ҳудуди ноҳия истиқомат мекунанд, ба таври ихтиёри ба ноҳияи Зафаробод бояд кучонида шаванд. Айни замон зиёда аз 200 оила ба ноҳияи мазкур кучонида шудааст.

***Ҷадвали №38. Муҳоҷират аҳолии ноҳия бо сабабҳои экзогенӣ[5]***

| Сол | Миқдори оилаҳо | Нуқтаҳои аҳолинишине, ки дар зери таъсироти зуҳуроти экзогенӣ ҳастанд | Ҷойҳои кӯчонидан |
|---|---|---|---|
| 2008 | 18 | деҳаи Фатмеви<br>ҷамоати деҳоти Рарз | ноҳияи<br>Зафаробод. |
| 2009 | 38 | деҳаи Пишанза ҷамоати деҳоти Анзоб | ноҳияи Айнӣ. |
| 2010 | 58<br>25<br>7<br>5<br>2 | деҳаҳои Путхин,<br>Зоосун, Сангистон ва Томини ҷамоати Айнӣ<br>деҳаи Пинён<br>ҷамоати Фондарё | ноҳияи<br>Зафаробод. |

